ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ АБДУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

# ГУЛЗОРИ ГУЛНАЗАР

*(Китобномаи шарҳиҳолӣ)*

ДУШАНБЕ
«ЭҶОД»
2005

ББК 91.9.83 + 84
Г-94

***Китоб бо ҳиммати Раиси вилояти Сугд, Муовини аввали Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимҷон Раҳбарович Қосимов ба табъ расидааст.***

***Гулзори Гулназар***: **Китобномаи шарҳиҳолӣ** / *Мураттиб ва муҳаррир* ***Ҷ. Шерматзода***; *Зери назари* ***Ш. Тошев***; Пажӯҳиши библиографии ***Б. Аҳмадов, Ҷ. Шерматзода, А. Юнусов, Е. А. Дегтерёва***: КМҶТ ба номи Фирдавсӣ.-Душанбе: Эҷод, 2005. –164с.

**Мураттиб ва муҳаррир** ***Ҷелмат Шерматзода,*** *узви Конфедератсияи байналхалқии рӯзноманигорон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*

**Зери назари:** ***Шарифҷон Тошев,*** *номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*

**Пажӯҳиши библиографии:** ***Бекназар Аҳмадов,*** *Корманди шоистаи Тоҷикистон*
***Ҷелмат Шерматзода,***
***Абдуллоҷон Юнусов,*** *номзади илмҳои филологӣ*
***Елена Дегтерёва***

© **Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, 2005.**

## ПЕШГУФТОР

Китобнома ба ифтихори 60-солагии зодрӯзи адиби ширинсухан Шоири халқии Тоҷикистон, муаллифи Суруди Миллии Тоҷикистон, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҷоизаи Комсомоли Тоҷикистон, Ҷоизаи ба номи Мирзо Турсунзода Гулназар таҳия шудааст.

Ҳадаф аз мураттабсозии китобнома манзури хонандагон гардонидани осори чопшудаи Гулназар ва адабиёт доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯст.

Зарурияти китобномаҳои шарҳиҳолии фардӣ ба бисёр омилҳо вобастаанд:

а) Парокандагии асарҳо дар нашрияҳо, феҳристҳо, китобхонаҳо, ноҳияҳо, вилоятҳо, мамлакатҳои гуногун ва бо забонҳои мухталиф; б) Дархостҳои эҳтиёҷмандон ба оҷилӣ ва пуррагии иттилоот дар бораи зиндагӣ ва осори адибон; в) Талаботи фаъолияти иттилотию тавсиявӣ ва педагогии китобхонаҳо, васоити ахбори умум, муассисоти дигари фарҳангу маориф.

Дар сурати сабт намудани китобнома дар китобхонаҳои электронӣ ва Интернет аҳамияти иттилоотию тавсиявии он бебаҳо аст.

Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ дар фаъолияти ҳамарӯзааш эҳсос менамояд, ки муҳаққиқон ва дилбастагони осори Гулназар ба чунин нашр ниёз доранд.

Китобномаи шарҳиҳолии Гулназар аз панҷ қисм иборат буда назм, наср, драма, публисистика, асарҳои тарҷума, мақолаҳои илмиро фаро мегиранд.

Мақолаҳои илмӣ, тақризҳо ва хотираҳо дар бораи Гулназар ва осори ӯ дар қисми «Адабиёт доир ба ҳаёт ва фаъолият» ҷойгиранд.

Мутафаккирон доир ба эҷодиёти Гулназар бисёр асарҳо навиштаанд. Мо ба ҷои сарсухан дар боби аввал овардани чанд мақоларо раво донистем.

Барои осон гардонидани ҷустуҷӯй асарҳои бадеии бо забонҳои хориҷӣ чопшуда дар қисми алоҳида ҷойгир шудаанд. Дар қисмҳои «Адабиётшиносӣ» ва «Адабиёт доир ба ҳаёт ва фаъолият» адабиёт бо забонҳои хориҷа пас аз маводи тоҷикӣ омадааст. Унвони асарҳо бо забони асл оварда шудааст. Адабиёт бо забонҳои халқҳои Аврупо бо забон ва ҳуруфи асл оварда шуда, танҳо номи асар тарҷума шудааст. Асарҳое, ки сарлавҳаашон дар бораи мазмун маълумоти кофӣ намедиҳанд, бо тавсифи иттилоотӣ ё мундариҷа таъмин шудаанд.

Кӯмакфеҳристҳои мавзӯӣ ва ашхос, ки дар охир ҷойгиранд, дастгоҳи хубанд барои дарёфти адабиёти лозима. Барои дарёфти адабиёт донистани мавзӯъ ё ному насаби муаллиф, тарҷумон, муҳаррир, мураттиб, оҳангсоз, рассом ҳатто қаҳрамони асар кифоя аст. Рақаме, ки муқобили мавзӯъ ё ному насаб меёбед, рақами ҷойгиршавии адабиёт дар китобнома аст.

Китобнома маводи дар солҳои 1960-2005 интишорёфтаро фаро гирифта, дар қисм ва зерқисмҳо тибқи замони нашр инъикос менамояд. Адабиёт мувофиқи стандартҳои маъмул тасвир шудааст.

Китобнома дар асоси фонди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ, Палатаи давлатии китобҳои Тоҷикистон ва Китобхонаи шахсии устод Гулназар, ки лутфан дастраси мо кардаанд, тартиб дода шудааст.

Муттаасифона бисёр мавод, ки бо сабабҳои мухталиф ба Китобхонаи миллӣ ва Палатаи китобҳо дохил нашудаанд (аз он ҷумла нашрияҳои хориҷӣ ва ватании шахсӣ) ба мо низ дастнорас буданд. Асарҳои драмавӣ ва сенарияҳои чоп нашуда, суруду таронаҳои дар диск, навори видеомагнитафон ва дигар васоит сабт шуда, шеърҳои дар муқоваи китобҳои дарсӣ ва дафтарҳо

такроран чоп шуда, лавҳа, суратҳо, тақвимҳо ва нотаҳо дар китобнома тасвир нашудаанд.

Китобномаи мазкур комилан академикӣ нест. Вале дар айни замон ғанитарин сарчашмаи иттилоотиест барои омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти шоири маҳбуби мо Гулназар.

Устод Гулназар дар айни камолоти эҷодист. Ҷӯяндаю ёбанда аст. Бо асарҳои нав ба нави худ хонандагонро шод ва китобномаи хешро мукаммал мегардонад. Мо ба ӯ комёбию фирӯзиҳо, умри дарози бобаракат орзумандем.

*То Зарафшон зарфишонӣ мекунад умре,*
*Шоири заргар, каломат зарфишон бодо!*
*То Зарафшон дар дили худ мавҷҳо дорад,*
*Мавҷҳои синаат гавҳарфишон бодо*[1].

***Мураттиб***

1. Маъмур С. Нӯшбоди зодрӯз: Барои Гулназар // Офтоби дил: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе: Ирфон, 1986. – С. 107 – 108.

# ФАРМОНИ
## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи ба Келдиев Г. додани унвони фахрии «Нависандаи (шоири) мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Барои хизматҳои шоиста дар инкишофи адабиёти тоҷик ба сармуҳаррири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» Келдиев Гулназар унвони фахрии «Нависандаи (шоири) мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э. Раҳмонов.**

ш. Душанбе, 14 ноябри соли 1995.

*Ба муносибати ҷашни 60-солагии*
*Шоири халқии Тоҷикистон,*
*муаллифи Суруди Миллӣ Гулназар*

## *Шоири арҷманд ва гиромӣ, Гулназар,*

*Фарорасии ҷашни камолоти эҷодиро бароятон самимона табрику таҳният мегӯям.*

*Ном ва осори Шумо барои ҳар фарди Тоҷикистон на танҳо ошност, балки азиз аст. Зеро бештар аз 40 сол аст, ки ҳамнафаси онҳо ҳастед. Дар беҳтарин навиштаҳоятон меҳри Ватанро ситудаед, орзуву армонҳои халқро иброз доштаед, хислатҳои неки инсонро васф кардаед, табиат ва манзараҳои нотакрори кишвари азизамонро тасвир намудаед.*

*Истеъдод ва маҳорати адабӣ, шуҷоат ва матонати инсонии Шумо хусусан дар солҳои барои халқу кишварамон душвор сайқал ёфта, аз имтиҳони ҷиддии мардум гузашт. Шумо дар шеърҳо, суханрониҳо ва фаъолияти ҷамъиятиву касбиатон ҳамеша аз мавқеъи манфиатҳои ҷомеа ва давлат дифоъ карда, дар барқароршавӣ ва таҳкими сулҳу ваҳдат саҳми арзанда гузоштаед.*

*Мӯҳтарам Гулназар, Шумо дар тарбияи чандин насли адибон ва рӯзноманигорони тоҷик ҳиссагузор будаед. Ҳамчунин асарҳои барои кӯдакон ва наврасон эҷодкардаатон ба онҳо ахлоқи ҳамида, меҳри Ватан ва ҳисси эҳтиромро нисбат ба инсону табиат талқин менамоянд.*

*Шумо, Гулназари азиз, муаллифи матни Суруди миллӣ ва Суруди Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ҳастед. Барои асарҳои пурарзишатон Шумо ба ҷоизаи Созмони ҷавонон, Ҷоизаи адабии Иттифоқи нависандагон ба номи Мирзо Турсунзода, Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ шарафёб гардидаед. Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматҳои адабӣ ва ҷамъиятии Шуморо ба унвони Шоири халқии Тоҷикистон, дигар унвону мукофотҳои баландпояи давлатӣ тақдир намудаанд.*

*Ҳоло Шумо, Гулназари иззатманд, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастед. Мо аз Шумо дар рушди фарҳангу адабиёти тоҷик, таҳкими ваҳдати миллӣ ва густариши эътибору нуфузи байналмилалии шеъри тоҷикӣ умедҳои калон дорем.*

*Бори дигар ҷашни 60-солагиатонро муборакбод мегӯям ва бароятон тансиҳатӣ, хонаободӣ ва барори кор орзумандам.*

*Президенти*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон* *Э.Раҳмонов*

*Қосимҷон ҚОСИМОВ,*
*Раиси вилояти Суғд, муовини аввали*
*Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# БАЁНГАРИ ҲАСТИИ РӮЗГОРИ МАРДУМ[1]

## Суханронӣ дар тантанаи ҷашни 60-солагии шоир Гулназар

Дар рӯзҳое, ки тамоми мардуми кишвар баҳри сазовор истиқбол гирифтани 15-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли гиромидошти тамаддуни ориёӣ ташаббуси сарвари давлатамон Ҷаноби Олӣ Э. Ш. Раҳмоновро оид ба эълони 12 моҳи ободонӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда, дар ҳамаи ҷабҳаҳо сарбаландона меҳнат мекунанд,, ҷашн гирифтани 60-солагии яке аз суханварони номии тоҷик ва форсизабонони ҷаҳон, муаллифи Суруди миллии Тоҷикистон ва Суруди тоҷикони ҷаҳон устод Гулназар басо рамзӣ мебошад, зеро оғози тамоми ободкориҳои мо аз адабу маънавият ва тафаккуру нерӯи аҳлонии халқ сарчашма мегирад.

Ба гуфти Президенти мамлакат илму фарҳангу адаб заминаи асосии комёбиҳои минбаъдаи халқу миллати мо маҳсуб мешавад, аз ин лиҳоз тантанаи ҷашни шоир оғози неки ин икдомоти бузург аст.

Воқеан ҳаёту эҷодиёти адибони номвар ва шахсиятҳои маъруф барои муосирон ва бахусус насли наврасу ҷавон намунаи пайравию ихлос ва ифтихормандист, зеро кору пайкори шоистаи онҳо баҳри ҳамзамонон мӯҷиби ибрат мебошад. Чунонки мо дар замони шӯравӣ аз устодон Садриддин Айнию Мирзо Турсунзода, Абулқосим Лоҳутию Раҳим Ҷалил ибрат мегирифтем, акнун дар

---

1. Қосимов Қ. Р. Баёнгари ҳастии рӯзгори мардум//Хуҷанд. -2005. -№9. –с. 5-7.

таърихи адабиёти муосири тоҷик дар замони истиқлол ҷавонону наврасон аз чанд нафар бузургони адаб, амсоли устодон Абдумалик Баҳорӣ, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Меҳмон Бахтӣ, Гулрухсор ва дигарон ифтихор мекунанд, ки нақши бузург доранд ва дар байни онҳо ҷои устод Гулназар махсус аст.

Шумо, соҳибҷашни гиромӣ, дар деҳаи дурдасти кӯҳистон ба дунё омада, фаъолияти меҳнатиро чун ходими адабии рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» оғоз намудаед. Дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ва ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» кору эҷод карда, дар пешрафту инкишофи назми муосири тоҷик саҳми калон гузоштаед.

Хизматҳои Шумо дар тарғиби сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони Истиклолият, тарбияи рӯзноманигорону адибони ҷавон ва фаъолияти созмони ҷамъиятии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон шоистаи таҳсинанд ва имрӯз чун Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пиёдасозии сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар ҷаноби олӣ Э. Ш. Раҳмонов ва қабули қонуну дастурҳои Ҳукумати Ҷумҳурӣ фаъолияти пурсамар доред.

Ба назари ман, шоире, ки аз нахустин шеърҳояш Ватанро ситоиш мекунад. раво-раво дар дилу дидаи халқ маскан мегирад. Устод Гулназар дар аввалин шеърҳои худ гуфтаанд :

*Зи ҳар як қалъаи дар хок яксон,*
*Зи хар як хонаву айвони вайрон,*
*Зи ҳар шаҳри хароби бостонӣ,*
*Зи ҳар як найзаву тиру камоне*
*Садо хезад, садои ҷовидона:*
*— Ватан яктост,*
*Модар ҳам ягона!*

Ҳамин ситоишу таранними Ватан ва ормонҳои халқу миллат номвартарин адибони моро шӯҳратманд гардондааст. Дар ин радиф шоир дар шеъри «Нардбон» мақсаду мароми зиндагии худро муқаррар кардааст:

*Нардбон боло барад,*
*Аммо на ҳар кас дар ҷаҳон*
*Меравад болою мегардад яке худ нардбон.*

Бо маънии баланд, сухани наву тоза ва пурмазмун, китобҳои пурмӯҳтаво барои худу дигарон нардбон сохтану сатҳи маънавии мардумро боло бурдан кори ҷонкоҳу дилфарсо мебошад ва соҳибҷашни мо ин меҳнати сангинро бо сарбаландӣ ба ҷо оварда, дар шоҳроҳи адабиёти ҳазорсолаи тоҷик пайроҳаи худро кушоданд ва дигаронро ҳам ба роҳи рост ҳидоят карда, мададгори насли ҷавони адибон шуданд.

Устод Гулназар чун адиби маъруф дар рушди адабиёти муосир хизматҳои шоиста кардаанд ва осорашон барои дар рӯҳи ватандӯстию худшиносӣ, бузургдошти хоки кишвар, парастиши муҳаббати пок, эҳтироми бузургону волотарин ормонҳои миллӣ тарбия намудани мардум нақши назаррас дорад.

Дар замони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан эҷодиёти як идда адибони тоҷик рангу бӯи наву тоза гирифт. Агар оғозбахши ин навгониҳо устод Лоиқ Шералӣ бошад, пас устод Гулназар бо матонати шоирона ва ҳунари баланди сухангустарӣ орзуи халқро тараннум карда, ҳатто мароми онро низ сурудаанд:

*Дар сина, аё марду зани озодӣ,*
*Ороста кун анҷумани озодӣ!*
*Аз шоҳии мулки дигарон натвон дӯхт*
*Аз баҳри Ватан пираҳани озодӣ!*

Алҳақ ин мисраъҳо халқро ба бунёдкорӣ ва ҷустуҷӯ, дар ватани худ ба дастовардҳои бузург ноил шудан илҳо мекунад, ки волотарин даъват ба худсозию ватанпарварӣ мебошад.

Китобҳои шоир бо номҳои «Расми Сарбозӣ», «Дастархон», «Нардбон», «Ағба», «Паҳно», «Лангар», «Чашми нигин», «Пайи дарё», «Табхол», «Лоиқе чун лоиқе», «Оинаи ташна», «Фариштаи бомдод» ва ғайраҳо дастраси хонандагон гаштаанд.

Ашъори шоир фарогири мавзӯъҳои эҳтирому бузургдошти Ватан, ишқу муҳаббати пок, тавсифи ҳусну ҷамоли дилбару табиат, висолу фироқ, қаҳрамонию шуҷоат ва мардию футувват буда, дар байни хонандагон маъруфияти беандоза доранд. Рубоию дубайтиҳои эҷодкардаашон баёнгари ҳастии рӯзгори мардум буда, бо соддагии тасвир ва ҳусни баён мақбули ҳамагон гаштаанд.

Намунаҳои осори адиби дӯстдоштаи мо дар Эрону Афғонистон, Аврупову Амрико, кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нашр шудаанд. Дар як вақт аз ҷониби он кас аз эҷодиёти Ҳ. Гейне, М. Лермонтов, М. Светлов, Р. Рождественский, О. Ватсиетис ва адибони арабу фаронсавӣ намунаҳо тарҷума шудаанд.

Имрӯз чун устод ва раҳнамои адибони ҷавон ба даҳҳо нафар эҷодкорон дарси адаб омӯзонида, дар нақди муосир ва адабиётшиносии тоҷик асарҳои ҷолиб офаридаанд.

Эҷодиёти Шумо шабеҳи дарахти азими сояафкану мевадорест, ки ба ҳазорон одамон кайфияти маънавию илмӣ бахшидаасту мебахшад ва бошад, ки ин дарахти шаҳдрез солиёни зиёде самарбахшу сояфикан бимонад. Зеро қадру манзалати Шуморо халқ ва Ҳукумати Тоҷикистон хуб медонанд.

Интихоб гардидан ба мақомоти олии ҳокимияти қонунбарор, соҳиб шудан ба унвонҳои баланди Шоири халқии Тоҷикистон, мукофоти ба номи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҷоизаи Комсомоли Тоҷикистон худ гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд. Барои шоири халқ аз ин дида бахти баланд ва саодати беқиёс, ба назарам, вуҷуд надорад.

Барои ман басо хушу гуворост, ки аз номи мардуми шарифи вилоят, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ Шуморо бо ҷашни камолот, 60-солагии рӯзи мавлуд табрику таҳният гӯям. Бигузор суруди дӯстдоштаи мардум — Суруди МиллииҶумҳурии Тоҷикистон то ҷаҳон ҳаст, ҳамин тавр мутантан садо диҳад. Ба Шумо сиҳатмандӣ, барори эҷодӣ ва бахту саодат орзу дорам.

Шасти камол муборак!

## САНАҲОИ МУҲИМИ ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ГУЛНАЗАР

Гулназар 20 сентябри соли 1945 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнии вилояти Суғд ба дунё омадааст.

| | |
|---|---|
| 1961 | Мактаби миёнаи №4 ба номи Надежда Константиновна Крупскаяи (ҳоло ба номи Пирмуҳаммад Бойматов) деҳаро бо нишони тилло хатм намуд. |
| 1961 – 1966 | Дар факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДДМТ) таҳсил намуда, дипломи аълочӣ гирифт. |
| 1966 – 1973 | Ходими рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон». |
| 1969 | Узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон гардид. |
| 1973 – 1975 | Ходими адабии маҷаллаи « Садои Шарқ». |
| 1973 | Ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул гардид. |
| 1975 – 1977 | Ба ҳайси тарҷумон дар Афғонистон ифои вазифа намудааст. |
| 1977 – 1991 | Мудири шӯъбаи накду адабиётшиносии маҷаллаи «Садои Шарқ». |
| 1985 | Ба Ҷоизаи Кумитаи Марказии Комсомоли Тоҷикистон сарфароз гардидааст. |
| 1986 | Вакили Шӯрои Намояндагони шаҳри Душанбе. |

| | |
|---|---|
| 1991* | Раиси Шӯрои назми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон. |
| 1991 | Сазовори Ҷоизаи ба номи Мирзо Турсунзода гардид. |
| 1994 | Ғолибият дар озмуни чандсола, пазируфта шудани шеърaш чун Суруди Миллии Тоҷикистон. Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суруди миллӣ» (7 сентябри с. 1994). |
| 1994 | Ба Ҷоизаи адабии давлатии ба номи Рӯдакӣ мушарраф гардид. |
| 1995 | Ба унвони фахрии Шоири халқии Тоҷикистон соҳиб шуд. |
| 1996 | Шеъраш чун Суруди Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон пазируфта шуд. |
| 1999 | Бо нишони «Дӯстӣ» мукофонида шуд. |
| 1999 – 2005 | Сардабири нашрияи «Ваҳдат». |
| 2003 – 2005 | Сардабири маҷаллаи «Пайванд» |
| 2003 | Бо нишони «10-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон» сарфароз гардид. |
| 2005* | Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонон, Муовини раиси Кумитаи Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ. |

* То ҳоло.

# 1. ГУЛЗОР АЗ ДИДИ ГУЛШИНОСОН: АНДЕШАҲОИ МУТАФАККИРОН ОИД БА ОСОРИ ГУЛНАЗАР

*Абдураҳмон АБДУМАННОНОВ*

## ПАЁМИ ДӮСТ[1]

### *(ба муносибати 60-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар)*

Дӯсти азизам, Гулназар, инак, шастсола шудед, шасти камолот муборак бод!

Хостам ба ин муносибат мақолае перомуни осоратон бинависам, вале боз андешидам, ки ба чанде аз маҷмӯаҳои ашъоратон тақризҳо нашр кардааму оид ба шеъратон дар мақолаҳои ҷудогона ва суханрониву сӯҳбатҳои адабӣ изҳори ақида намудаам. Аз ин рӯ, Гулназари азиз, хостам бо Шумо сӯҳбати якҷонибае дошта бошам, то озодона битавонам баъзе аз бардоштҳо ва андешаҳоямро оид ба шахсияти адабӣ ва шеъри Шумо дар манзари рушду таҳаввули адабиёти кунунии тоҷик иброз намоям.

Бо ҳамин ният китобҳоятонро рӯи мизи кориам паҳн намудам, ёддоштҳову мақолаҳоям, инчунин таълифоти дигар адибону мунаққидонро оид ба шеъри Шумо ҷамъ овардам. Маҷмӯаи нахустини шеърҳоятон – «Расми сарбозӣ»-ро боз кардам. Аз варақи аввали китоб Гулназари ҷавони ҷавон дар манзари гулзор ба дуриҳои дур нигоҳи хаёломезу андешамандона афкандааст ва мегӯяд:

---

1. Абдуманнонов А. Паёми дӯст // Адабиёт ва санъат. -2005. -16 декабр. - С.3-4.

*Агар ман чашмаам, эъҷози тӯфон аст ҳар ҷӯшам,*
*Ба мушти хок, охир, кай тавонӣ кард хомӯшам?!*
*Агар хокам, саропо лолапӯшам дар баҳори умр,*
*Нахоҳӣ дод барбодам!*
*Агар ман донаам, бо хок омезам ҷаҳони худ,*
*Зи нав рӯям, биёбам офтобу осмони худ,*
*Нахоҳӣ дод барбодам…*

Байти охири шеърро намехонам. Ситезаолуд аст, кайфияти мисраъҳои болоро надорад. Китобро варақгардон мекунам. Мехоҳам шеърҳоеро биёбам, ки дар рӯзномаи деворӣи факултаи филологияи тоҷик ва ё дар рӯзномаи бисёртеъдодаи «Ба қуллаҳои дониш»-и Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон чоп шуда буданд ва ё дар махфили адибони ҷавони донишгоҳ қироат карда бошед. Ва меёбам қитъаеро, ки соли 1963 дар васфи зодгоҳи худ гуфтаед:

*Деҳаам дар домани кӯҳпораест,*
*Ҳамчу лаълии пур аз шаҳду шакар.*
*Кӯҳ гӯӣ дар каф онро дошта*
*— Марҳамат,- гӯяд ба ҳар як раҳгузар.*

Сода гуфтаед, вале ба тасвир кӯшидаед. Шумо аз ибтидо ба тасвир майл доштед, дунё, манзараҳо, мардумро бо чашми дил медидед, дилдодаву дилбохта будед.

Ҳамон соли 1963, ки мо донишҷӯи соли аввалу Шумо донишҷӯи соли сеюм будед, дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» шеъри «Рангҳои баҳор» чоп шуд. Дар муқоиса бо анбӯҳи шеъри тавсифиву ситоишӣ, ки он замон хеле маъмул буд, ин шеъри ҷавони 18 – сола дар назари мо як эъҷози воқеӣ менамуд:

*Дар дашт саҳоб нақшбандӣ дорад,*
*Дар боғ бунафша сарбаландӣ дорад.*
*Дар пераҳани баҳор имрӯз, нигар,*
*Олам чи намуди дилписанде дорад.*

*Лола ба мисоли машъале месӯзад,*
*То домани маргзори деҳ афрӯзад,*
*Биншаста дар он суман чу дилдодаи ман*
*Дар ранги баҳор локие медӯзад.*

Хонандаи имрӯз шояд бигӯяд, ки ин ҷо тасвири манзара тозагӣ надорад, таъбирҳо ва ташбеҳҳо нав нестанд ва ғайраву ҳоказо. Вале он солҳо ин тарзи нигориш аз навҷӯиву тозагӯи дарак медод, ҳатто ташбеҳоти содаву воқеие, ки ба тасвири манзарае мусоидат мекарданд, хуш пазируфта мешуданд.

Ҷавоншоирони насли Шумо, Гулназар, дар ашъори ошиқона аз Аминҷон Шукӯҳӣ, дар шеърҳои иҷтимоӣ аз Ғаффор Мирзо, дар навҷӯиҳо ва хусусан дар ҳамоса аз Мӯъмин Қаноат бештар пайравӣ мекарданд. Лоиқ Шералӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ғоиб Сафарзода, Бахром Фирӯз ва Ҳабибулло Файзулло, ба қавли ноқидони ҷавонамон, аз пешкисватони он насл буданд, ки ба тозакориву навгӯӣ зиёдтар мекӯшиданд. Аз охири солҳои 60 –и қарни гузашта Шумо, Гулрухсор, Сайдалӣ Маъмур ва андаке дертар Бозор Собир ба ин радиф пайвастед. Сипас ҳар кадом аз пайраҳаи худ рафтед.

Раҳкушоиро устод Мӯъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ оғоз карда буданд.

Вале, чунон ки худи Шумо борҳо иқрор кардаед, «ҳама он шоирони ҷавоне, ки баъди Лоиқ ба адабиёт омадаанд, аз шеъри Лоиқ шеъргӯиро омӯхтаанд. Ё аз ӯ тарзи омӯзиш ва бахраҷӯиро ёд гирифтаанд». Шояд на ҳамаи шоирони насли Шумо ва наслҳои баъдина бо ин фикр розӣ бошанд. Лекин таъсири шеъри Лоиқ ба раванди шеъри тоҷикии сӣ соли охири қарни 20 мусаллам аст. Ва ин таъсир файзбахш ва хеле фарогир ҳам буд. Гузашта аз ин, рӯҳияе, ки Лоиқ тавассути шеъраш ва шахсияти адабиаш талқин мекард, тамоми ҷомеаи адабиву илмӣ, хусусан ҷавононро фаро гирифта буд. Ин рӯҳияро метавон шуҷоати адабӣ, ҷасорати гражданӣ, миллатпарастии солим номид. Албатта, дар паҳлуи Лоиқ чанд тани дигар ҳам буд, вале хизмати Лоиқ дар ин ҷода хоса аст.

Ин мавзӯъ ва ин маънӣ дар китоби Шумо «Лоиқе чун Лоиқе» хеле дақиқ, холисона, бо далелу мисолҳои фаровон матраҳ шудааст.

Солҳои 60-80-и қарни гузаштаро давраи рукуд ва карахтӣ номиданд. Шояд. Вале муҳити адабии Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, он солҳо хеле пурҷӯшу хурӯш ва аз ҷараёнҳову тамоюлоти мухталиф пурбор буд. Аз як тараф, адабиёти ба истилоҳ «расмӣ» хеле ва хеле фаъолу қавӣ буд, дар доираҳои адабиву фарҳангиву илмӣ, умуман дар ҷомеа, таъсиру нуфузи бузург дошт ва дар сатҳи сиёсати давлатӣ бидуни чуну чарое дастгирӣ меёфт.

Аз ҷониби дигар, шеъри нави форсӣ, ки намунаҳояш аввал тавассути ашъори Нодири Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод, Сиёвуши Касроӣ ба Тоҷикистон расид ва баъдтар шумораи ин номҳо хеле зиёд шуд, таваҷҷӯҳ ва самти ҷустуҷӯҳои эҷодии ҷавоншоирони он солҳоро ҷониби худ мекашид.

Як нуктаро бояд таъкид бикунам, ки дар ин самт шикастани қолаб, вазн, қоидаҳои қофия ва дар маҷмӯъ шакли шеъри анъанавӣ он қадар муҳим набуд, ки баъзеҳо таъбир мекарданд, ҳарчанд ин омилро низ аз доираи назар берун афкандан нашояд. Муҳимтар он буд, ки шеъри нав диди тоза, муносибати тозаро ба муҳит ва умуман ба мавзӯъ тақозо мекард ва ниҳоят, тафаккури нави адабиро ташаккул медод. Масалан, ба анъанавитарин мавзӯи шеъри 40-50 соли даврони шӯравӣ – мавзӯи Ватан аз солҳои 70-и қарни гузашта дар шеъри тоҷикӣ назар ва муносибати тамоман нав ба миён омад. Дар доираҳои адабиву илмӣ истилоҳоти барои он замон батамом тозае, мисли «Ватани кучак» ва «ҳофизаи таърихӣ», маъмул шуданд. Хулласи калом, агар ҷомеаи солҳои 60-80-и қарни гузаштаро дар соҳаҳои сиёсату иқтисод, чунон ки мегӯянд, крахтӣ ва рукуд фаро гирифта бошад ҳам, муҳити адабӣ маҳз дар ҳамон солҳо хеле фаъол, ҷӯянда ва эҷодкор буд.

Дар он муҳит нақши Шумо, соҳибҷашни азизи мо, низ хеле равшан ва назаррас аст. Китобҳои ашъоратон «Дастархон», «Нардбон», «Ағба», «Паҳно», «Лангар», «Пайи дарё», «Чашми нигин», ки дар солҳои 70-80 ба табъ расиданд, мавриди гуфтугӯ

ва баҳсу мунозираҳои ҷиддии адабӣ қарор мегирифтанд. Яъне шеъри Шумо, ҷустуҷӯ ва бозёфтҳоятон ҳеҷ гоҳ аз мадди назари ҳамқаламон ва накди адабӣ дур намондааст. Агар навиштаҳои худ ва таълифоти ҳамқаламонро оид ба ин китобҳоятон мухтасаран ҷамъбаст бикунам, хулоса чунин хоҳад буд, ки шеъри Шумо рангин, оҳанги суханатон гӯшнавоз ва мазмуни каломатон дилнишин буд. Шумо шеърро бо меҳри бепоён ва самимияти тамом гуфтаед, шеъри лоқайдона, бофтаву сохтаро кам навиштаед, ҳар суханатон парвардаи ақлу дил буд ва аз шеъри аввал касро ба андешаву ҳиссиёти наҷиб ҳидоят кардаед, чунон ки мегӯед:

*Орзу чун гули маҳтобшабе*
*Рехт дар сурати шеър аз дили ман.*
*Шеъри аввал!*
*Зи ҳамон дам гӯё*
*Ҷӯш зад чашмаи меҳр аз дили ман…*

Шумо, Гулназари азиз, аз ибтидо ба мавзӯи Ватан, тарғибу ташвиқи ҳиссиёти ватандӯстӣ, таваҷҷӯҳи хоса доштед, дар ашъори иҷтимоии худ пайванди ногусастании қаҳрамони лирикиро бо Ватан самимона таъкид мекардед:

*Дардҳои ҷонгудозу бедавои мо — Ватан,*
*Захмҳои кории мо, нолаҳои мо — Ватан,*
*Оре, оре, ибтидову интиҳои мо — Ватан.*

Ҳамин меҳру муҳаббат буд, ки Шумо дар лаҳзаҳои барои Ватан фаҷеътарин - маҳз аз ибтидои солҳои 90 ба баъд дар шеър симои воқеан муфрад ва хоси худро ба зуҳур овардед. Маҳз аз он вакт ба баъд , ки мавқеи ҳар фард, хусусан адиб, нисбати Ватан ва ҷомеа равшан ба зуҳур омад, ниҳоли шеъри худро аз сояи дарахтони шеъри дигарон тавонистед батамом дур кашед ва дар фазои дигар бисабзонед. Аниқтараш, муҳити иҷтимоиву сиёсии тамоман нав, муносибатҳои ғайриоддии ҷамъиятӣ назари

Шуморо ба муҳит, ба ҷомеа ва инсон, дар ниҳояти кор ба адабиёт ва кори адабӣ тағйир дод.

Воқеаҳои ибтидои солҳои 90 Шуморо гӯё ба деги ҷӯшони имтиҳон андохтанду пазонданд.

Солҳое, ки дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бо Шумо ҳамкорӣ доштем, шояд аввалин шунавандаи бисёр шеърҳоятон будам. Хусусан солҳои 1992-1997, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон оғоз шуду идома ёфт, дили Шумо баробари сӯхтани қитъаҳои гуногуни кишварамон месӯхт, ҳамроҳи кушта шудани ҳар фарзанди номдори халқ мемурду ба умеди бақои миллат ва Ватан аз нав эҳё мешуд. Ман ба ёд дорам, ки тақрибан ҳар субҳ бо чашмони аз бехобӣ фурӯрафта, бо тани афсурдаву рӯҳи хаста аз дари дафтари кориам медаромадед, ё дар роҳрави бино вомехӯрдему баъди салому алейк мегуфтед: «Шаб хобам набурд, як (ё ду-се ) шеър навиштам, хонаматон?» Мехондед, бо сӯзи дард мехондед, аксаран ҳамроҳи Абдулҳамиди Самад саропо гӯш мешудему мешунидем. Шумо на танҳо дарду алами худ, балки он ҳиссиётеро низ ифода мекардед, ки ҳамаи моро фаро гирифта буд. Шеър мехондеду ба назарам худро андак сабуктар ҳис мекардед. Хулоса, дар он айём Шумо, Гулназари азиз, бо шеър зинда будед ва агар бигӯям, ки аксари вақтҳо ба ҷои нон ғизои сухан мехӯрдед, муболиғае нахоҳад шуд.

Аксари кулли он шеърҳо дар китобҳои «Ҳар мисраъи шеър Тоҷикистони ман аст», «Фариштаи бомдод», «Қадаҳи шабнам», «Шӯълаи барқади сӯзони малоҳат», «Ойинаи ташна» ба табъ расида ва дар китоби тозанашри «Фасли оғоз» сара карда шудаанд.

Албатта, шеърҳои ҳар яке аз ин китобҳо дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ ба як сатҳ нестанд. Манзурам ҳам мӯҳтаво ва ҳам ҷанбаи бадеияти онҳост. Ва ин табиист. Бояд бигӯям, ки аз миёни шеърҳои он солҳо ниёишҳоятон ҳам авзои вақт ва ҳам рӯҳияи Шумо ва моро (шояд аксари мардуми ҷумҳурӣ, хоса сокинони Душанберо) хеле муассир ифода мекарданд. Ман мӯҳтаво, мазмун ва оҳанги бисёри онҳоро ба ёд дорам, лаҳни хониши Шумо ва ҳолататонро ҳангоми хондани шеър фаромӯш накардаам. Аз ҷумла пораҳои зеринро, ки дар он айём мехондед:

*Ин саҳар дар шохаҳо овози мургони саҳар ях бастааст,*
*Хандаҳои зарҳалии офтоб*
*Дар лабаш бишкастааст…*
*Эй нафас, к-аз гармсери сина меоӣ пушаймон,*
*Ту гусастӣ? Ё рамидӣ? Дар куҷоӣ?*
*Дар билоде, ки замину осмонашро ҳавои меҳрубонӣ нест,*
*Илтиҷо дорам Худоро, к-аз забони ман,*
*Дур н-андозад даме номи баҳории туро, эй дӯст,*
*Ях бандад (набандад – А.А.) то лабони ман!…*

Ё:

*Дар сари раҳ*
*Бар тиҳигоҳи кафи дасти гадо*
*Оби борон мечакид,*
*Аз сари мижгони ман*
*бо ашки хунин*
*Тоҷикистон мечакид.*

Ва ё шеъри зеринро ҳеҷ фаромӯш нахоҳам кард, ки ҳам Шумои хонанда ва ҳам мои шунаванда ашки яъсу ҳасрат мерехтем, ба ҳоли худ ва мардум, ба ҳоли Ватан мегиристем:

*Субҳ бо лаҳҷаи тифлона биёяд ба дарам*
*нонталабӣ,*
*Мани бечоратар аз ӯ бидиҳам ёд варо шеваи*
*армонталабӣ,*
*Эй Ватан!*
*Мо ҳама талбандаи беҳосили армони худем,*
*Бо алам марди зарафшонии ту*
*Биравад хонаи ҳамсоя Зарафшонталабӣ.*
*Дӯш дидам, ки дари бастаи даврон мекуфт*
*Лаъли хунгаштаву мекард Бадахшонталабӣ…*
*Эй дил, эй дил!*
*Ту биё, парда зи асрори кӯҳан бардорем,*

*Нагзарад аз сари Сомонии ман*
*Ҳаққи меросии Сомонталабӣ.*
*Хуни ман наъра занад дар раги афсурдаи ман,*
*Вақти он аст, равам бар дари андешаи хеш*
*Тоҷикистонталабӣ, Тоҷикистонталабӣ…*

Маҳз аз он солҳо Шумо ба шеъри озод бештар руҷӯъ кардед, ҳарчанд қаблан низ ба истилоҳ «хусравониҳо» (истилоҳи Ахавони Солис аст – А.А.) менавиштед. Шеърҳои озоди он солҳоятон мақбултару пазиротаранд. Дар онҳо маънову ҳадаф равшану возеҳ ифода ёфтаанд, таъбирҳо пурборанд, иртиботу таносуби вожаҳо мустаҳкаманд. Баъдтар, ба қавли худатон, ба «шустани» вожаҳо бештар майл зоҳир намудед, ниҳоли шеъри озоди худро ба сояи дарахтони шеъри Сӯҳроби Сипеҳриву Аҳмади Шомлу кашидед. Дӯстона бигӯям агар, дар сояи ғафси дарахти шеъри онҳо ниҳоли шеъри озоди Шумо аз нарасидани фазои озоду нури офтоб азият мекашаду наҳиф менамояд. Намуна намеорам, аминам, ки худатон медонед. Хоҳиш мекунам, ниҳоли зебои шеъри озодатонро ба фазои воқеан озод биншонед, то қад афрозаду шоху барг паҳн бикунад. Ба қавли худи Шумо, дар ҷустуҷӯи ҳусни ёр ба умеди шеъри тақлидгар набояд шуд. Ба таъбири маъруф, беҳтар аст ҳар кас «анифи худро бигӯяд». Албатта, вожаҳоро бояд шуст, вале дар оби чашмаву ҷӯйу рӯди худ, то ки онҳо тозаву шаффофу хушрангу хушбӯ ва муҳимтар аз ҳама, ба димоғу чашму зеҳну завқи хонандаву шунавандаи ҳамватанатон пазирову мақбул бошанд. Умедворам, ки ин мулоҳизаҳоро на ҳамчун эроди як нафар мунаққид, балки ба сифати таманнои дӯст мепазиред.

Шумо, Гулназари азиз, аслан шоири ғазалсаро ҳастед. Ин ҷо манзурам аз ғазал на шаклу қолаби шеър, балки мӯҳтаво ва дарунмояи он аст. Яъне Шумо табиатан шоири ғаноӣ ва ошиқ ҳастед. Дар яке аз ғазалҳоятон худ иқрор кардадед, ки «Табъи ғазалпаймои ман бо шеъри озодам насохт». Метавонам аз ғазалҳоятон даҳҳо байту пораҳоро ба сифати намуна биёрам, ки аз ҳар ҷиҳат дилнишину хотирмонанд. Бо чанд намуна иктифо мекунам:

*Ташнагиам ҳаваси ҷоми лаболаб дорад,*
*Ҷуръае, баҳри Худо, к-ин таби ман таб дорад…*
*Умрҳо дар талаби фасли висоланд ҳама,*
*Дили ман низ дар ин ғамкада «Ё раб!» дорад.*
*Шоиро, ноз макун бо сухани лабҳоят,*
*Пайи изҳори ғамаш ҳар сухане лаб дорад.*

❁ ❁ ❁

*Дар ин тангии сангистон, ки файзи осмон санг аст,*
*Нафас тангу ҳавас танг аст, дил тангу қафас танг аст.*
*Битобам дасти қисматро, ки эҷодаш хатокорист,*
*Ки аз фарҳанги «дилҷӯӣ» ба комам вожаи «ҷанг» аст.*
*Зи меҳнат панҷаи ман менамояд хушаи ангур,*
*Вале киште, ки беҳосил бувад ин ҷо, ҳамон нанг аст.*

❁ ❁ ❁

*Хуни мардон зи чӣ резед? Ватан хунсо шуд,*
*Тани ёрон зи чӣ сӯзед? Ватан танҳо шуд.*

❁ ❁ ❁

*Дарди ману мулки ман дастобағаланд имрӯз,*
*Як дида намепурсад: бемор чӣ мехоҳад?…*

Гулназари азиз, ман ба ҳеҷ ваҷҳ намехоҳам арзиши ашъори Шуморо аз будаш кам вонамоям, вале бар онам, ки беҳтарин бозёфтҳоятон дар рубоиву дубайтиҳо рух намудаанд. Худ иқрор кардаед, ки «ин навъи зебои адабӣ ҳамеша бо ман будааст ва бо ман хоҳад монд». Бодо! Воқеан, лаззату кайфияти рубоиву дубайтиҳоятон дигар аст. Онҳо дар ҳар мавзӯе гуфта шуда бошанд, таъсирбахшанд, касро ба ҳамдиливу ҳамсадоӣ мехонанд:

*Ё оташи дил ба домани ёд занем,*
*Ё хирмани нанги хеш бар бод занем.*

*Аз дасти ману ту гар наояд коре.*
*Дар кишвари бедод, биё, дод занем.*

✿ ✿ ✿

*Хокистари ту шарори бунёди ман аст,*
*Хомӯшии ту забони фарёди ман аст,*
*Шамъе, ки фурӯ нишаста дар хонаи ту,*
*Рӯшангари шоми хонаи ёди ман аст.*

✿ ✿ ✿

*Аз рози нуҳуфтаам забон месӯзад,*
*Аз доғи шукуфтаам равон месӯзад.*
*Рӯзам пайи зиндагӣ гузар карду маро*
*Аз шеъри нагуфта устухон месӯзад.*

Ман ин ҷо аз ҳикояҳову таронаҳои Шумо сухан намегӯям, дӯстони ҳамқаламамон гуфтаанду навиштаанд ва боз хоҳанд гуфту навишт. Ҳамин қадар гуфтаниам, ки дар шинохту арҷгузории осори ҳамқаламон Шумо ҳамеша ҳадди эътидолу инсофро риоят кардаед, дар мавқеъ ва ақидаи худ устувор будаед. Ёд доред, соли 1983 муҳокимаи дастнависи романи Саттор Турсун «Се рӯзи як баҳор» дар ҷаласаи васеи котиботи Иттифоқи нависандагон чӣ гуна сурат гирифта буд? Мавқее, ки Урӯн Кӯҳзод, Шумо ва банда дар муқобили ба истилоҳ «наҳангони» ҳаёти адабӣ ишғол карда будем, он вақт кори андаку осон набуд. Дар дигар мавридҳо низ борҳо шоҳид будам, ки Шумо дар муносибат ба асари адиб ё қадр кардани хизматҳои адиб ҳамеша инсоф ва адолатро меъёри ягона қарор медодед.

Истеъдоди худодод, кӯшишу заҳмати зиёд, инсофу адлу дод тавъамон Шуморо ба мартабаву манзалати адиби мумтоз ва маҳбуби мардуми тоҷик расониданд.

Гулназари азиз, бароятон ҷашни камолоти эҷодиро самимона табрику таҳният мегӯям ва орзуманди дастовардҳои наватон ҳастам.

***20 сентябри 2005***

*Абдулмаҷиди БОХТАРӢ*

## БАРОИ УСТОД
## ГУЛНАЗАР КЕЛДӢ

*Баҳри ӯ қимат надорад дар ду олам симу зар,*
*З-он ки ӯро аз ҳама бошад Сухан бологузар.*
*Бо сари хам меравад чун хӯшаи пурбор раҳ,*
*Хоксоре бошад аз кирдори дунё бохабар.*
*Тифлакон бо «алла» мехобанду мехезанд худ,*
*Шом хобем, субҳ хезем бо суруди Гулназар.*
*Меситояд шеъри паймони дили халқу Ватан,*
*Аз каломаш мерасад табъи хушу вологуҳар.*
*Бохтарӣ мехонад ӯро наҳр дар баҳри суруд,*
*Оламе аз шеъри пурасрори ӯ шуд баҳравар.*

***Мирзо МУЛЛОАҲМАД,***
***доктори илмҳои филологӣ, профессор***

## СУХАНВАРИ МУМТОЗ[1]

Бӯстони адабиёти тоҷик имрӯз пур аз ниҳолону дарахтони гуногун аст, ки ҳар яке бо шоху барг, гулу самари худ ба мардум неъмату лаззат, шодиву фараҳ ва сурӯру тараб мебахшанд. Миёни онҳо чанд дарахти тануманде ҳастанд, ки басо пуршоху пурсамар буда, аз меваҳои лазизи онҳо ҳамагон – кӯдаку наврас, пиру ҷавон лаззат мебаранд. Яке аз чунин дарахтони тануманди пурсамар дар бӯстони адабиёти тоҷик Шоири Халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ мебошад.

1. Муллоаҳмад М. Суханвари мумтоз // Адабиёт ва санъат. - 2005. - 15 сентябр. -№37. -С. 3.

Гулназар 20-уми сентябри соли 1945 дар деҳаи зебоманзари Дардари ноҳияи Айнӣ (Заҳматобод ва Фалғари собиқ) ба дунё омадааст. Зодгоҳи Гулназар деҳаи камзамини кӯҳистон буда, таърихи хеле қадимӣ дорад. Бесабаб нест, ки соли 1989 ҷашни 2500 – солагии деҳа бошукӯҳ баргузор гардид. Дар бораи таърихи деҳа, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, корномаи мардуми он, намояндагони машҳури илму фарҳанги ҷумҳурӣ, ки аз ин деҳа бархостаанд, очерки таърихии Пиримқул Ҷонмаҳмадов ҳикоят мекунад. Деҳаи мазкур ва мардуми соҳибзавқу бомаърифати он, ки давраи тифливу наврасии Гулназар дар оғӯши онҳо гузаштааст, бешубҳа яке аз омилҳои асосӣ ва заминаи рушду камолоти ӯ чун суханвар мебошанд.

Албатта, омили асосии ҳамчун шоир ба камол расидани Гулназар ҳам истеъдоди худодод аст, ки бидуни он шоири асил ба вуҷуд намеояд. Вале истеъдоди табиӣ танҳо донаест ё тухмест, ки ниёз ба хоку об, ғизову муҳити созгор ва талошу парвариш дорад. Хушбахтона, барои Гулназар ин заминаҳо муҳайё буданд. Модари ӯ зани хеле меҳрубону ҳалим ва кони байту рубоӣ буданд, ки коми писарчаи хурдӣ ва хеле ҳассосро аз тифлӣ бо шеъру тарона бардоштанд. Падари шоирро мардуми деҳа бо эҳтиром Мирзокелдӣ меномиданд, ки аввалан кӯтоҳшудаи Мирзоев Келдӣ аст. (Зимнан бояд гуфт, ки як вежагии лаҳҷаи Дардар, ки дорои хусусиятҳои хос буда, ба ҳеҷ лаҳҷаи дигар монанд нест, ин кӯтоҳ кардани калимаву ибораҳост). Сониян Мирзокелдӣ ҳарчанд деҳқон буданду маълумоти олӣ надоштанд, вале дорои саводи хуб буда, шеърҳои зиёдеро аз шоирони классик медонистанд ва аз ҳама муҳиммаш ҳамеша бо лаҳни ба худ хос ба забони адабӣ ҳарф мезаданд.

Ҳамин муҳити созгори ҳонаводагӣ ва тарбияти волидон буд, ки ҳар се писари онҳо (як писар дар ҷавонӣ бар асари бемори фавтидааст) чун шахсиятҳои маъруфи ҷумҳурӣ ба камол расиданд. Фарзанди калонии оила Умед Келдиев сиёсатшинос ва таърихдони маъруф буда, солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои масъули давлатӣ кор кардааст ва дар солҳои охири умр роҳбарии маҷаллаи «Коммунисти Тоҷикистон» ва мудирии Хонаи маори-

фи сиёсии ҷумҳуриро ба ӯҳда дошт. Фарзанди дигари оила Имомназар Келдиев олими машҳур, доктори илмҳои таърих, профессор, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ буда, солиёни зиёд дар вазифаи мудири шӯъбаи Институти таърихи партияи КМ ПК Тоҷикистон, мудири кафедраи Донишгоҳи кишоварзӣ кор кардааст.Духтарони оила низ мактаби миёнаро хуб ба поён расонданд, вале муҳити деҳа ва рӯзгори оилавӣ имкон надоданд, ки таҳсилро идома диҳанд.

Мактаби деҳаи Дардар, ки онро Гулназар соли 1961 бо медали тилло ба поён расондааст, аз машҳуртарин мактабҳои на танҳо ноҳияи Айни, балки водии Зарафшон ва ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Зикри ҳамин далел кофист, ки аз дастпарварони ин мактаб 1 нафар академик, 6 нафар доктори илм, беш аз 15 нафар номзади илм мебошад. Муаллимони ин мактаб Холбутта Маҷидов, Фахриддин Маликов, Икром Раҳмонов, Гулмирзо Ҷабборов, Ҳобил Ҷабборов, Соҳиббой Ниёзов, Пирон Шодиев, Шералӣ ва Ёралӣ Ниёзовҳо, Аброр Шомирзоев, Пирмаҳмад Бойматов, Топкамбой Ҷумъаев, Абдумӯъмин Ҷумъаев, Пиронқул Ҷонмаҳмадов, Туроқул Холиқов, Ҳосил Мирзоев, Муллоаҳмад Орифбоев, Мирзораҳмат Саидов ва амсоли онҳо обрӯву шӯҳрати зиёд доштанд. Масалан, омӯзгори фанни математика Ф. Маликов, вақте ки шӯъбаи ғоибонаи факултаи математикаи Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанберо ба поён мерасонад, бо дониши амиқу васеи худ устодонро ба ҳайрат меорад ва ӯро ба омӯзгорӣ дар донишгоҳ даъват менамоянд.

Солҳое, ки Гулназар дар мактаби миёнаи мазкур таҳсил мекард,аз забон ва адабиёти тоҷик ду шоири ҷавон – Қутбӣ Кироми ва Адирмуҳаммад Зафарзода дарс мегуфтанд. Онҳо ба Гулназар олами пурасрори шеъри шоириро боз намуда, аввалин сурудаҳои ӯро таҳрир мекарданд, маслиҳату машварати судманд медоданд.

Бо ин ҳама муҳимтарин омиле, ки ба ришду камолоти Гулназар на танҳо чун шоир, балки инчунин шахсияти фарҳехтаи фарҳангӣ мусоидат намудааст, ба назари мо меҳнатдӯстии ӯст. Гулназар аз хурдӣ ёвари асосии падару модар дар ҳамаи корҳои рӯзгор буд, зеро бародарони калонӣ ба сабаби дар он солҳо

набудани синфҳои болоӣ дар мактаби деҳа барои идомаи таҳсил ба шаҳри Душанбе рафта буданд. Ӯ дар мактаб низ на танҳо бо баҳои аъло мехонд, балки дар ҳамаи корҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзид. Дар давраи таътили тобистона ҳам ба корҳои мактабу колхоз машғул мешуд. Мисли дигар ҳамсолон вақтро беҳуда намегузаронд. Бо ҳидояту маслиҳати падар ба қадри вақт расиданро омӯхта буд, зеро падар ҳар замон ин байти Ҳофизро хотиррасон намуда, шарҳ медод:

*Вақтро ғанимат дон, он қадар ки битвонӣ,*
*Ҳосил аз умр, эй ҷон, як дам аст, то донӣ.*

Гулназар аз хурдӣ ба ҳайвонот дилбастагии зиёд дошт, ба харгӯшпарварӣ шуғл меварзид ва хари таърифии падарро хуб нигоҳубин мекард. Зимнан бояд гуфт, ки дар бораи хари думбуридаи онҳо мардуми деҳа мақоле ҳам сохта буданд, ки ҳар чанд аз он хар ному нишоне намондааст, вале мардум то имрӯз он мақолро истифода мебаранд: То ин кор тамом мешавад, ки думи хари Мирзокелдӣ ба замин мерасад…

Ба умеди ошноии бештар бо асрори шеър ва омӯхтани адабиёти бою қадимии ниёгон Гулназар соли 1961, пас аз хатми мактаби миёна, ба факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, соли 1966 онро бо дипломи аъло ба поён расонид. Дар солҳои таҳсил дар донишгоҳ низ ӯ меҳнатдӯстиву талоши илмомӯзӣ зоҳир менамуд. Аз фаъолони маҳфили Адибони ҷавони донишгоҳ буд, дар консфронсҳои илмии донишҷӯён пайваста суханронӣ мекард, дар нашри рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш» бо дӯсти ҳамсабақаш Саидалӣ Маъмур ҳамкорӣ менамуд, дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ шеъру мақолаҳо чоп мекард.

Фаъолияти кории худро Гулназар соли 1966 дар идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» аз вазифаи ходими адабӣ шурӯъ намуда, дар як муддати кӯтоҳ ба вазифаи мудири шӯъба ва муовини сармуҳаррир расид. Солҳои кор дар рӯзнома барои шоири ҷавон давраи омӯзиши ҷиддии ҳаёт буд. Инро аз мақолаҳои ӯ низ пай бурдан мумкин аст, зеро дар онҳо назари

амиқу дақиқи рӯзноманигори касбӣ ба ҳаёт ва мушкилоти он эҳсос мешуд. Дар ҳар мақола ягон масъалаи ҳассоси зиндагиро ба миён мегузошт ва оид ба роҳҳои ҳалли онҳо изҳори назар мекард. Масалан, дар мақолае, ки сӯҳбати ӯро бо ронандаи номдор Алла Ҷӯрақулов дарбар мегирифт, масъалаҳои муҳими роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ ва зарурияти он дар кӯҳистон ба миён гузошта шуда буданд. Ё худ бо мақолаи дигари худ ӯ дар яке аз мактабҳои ноҳияи Қумсангир сарояндаи ҷавони соҳибистеъдодро кашф намуда, ӯро барои омадан ба пойтахти ҷумҳурӣ ташвиқ кард. Аз он сарояндаи ҷавон ҳофизи номдор Мастона Эргашева ба камол расид. Фаъолияти рӯзноманигории Гулназар то имрӯз идома дорад. Ӯ солҳои тӯлонӣ дар маҷаллаи адабии «Садои Шарқ» мудири шӯба ва дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», «Ваҳдат» ва маҷаллаи байналмилалии «Пайванд» сардабир буд.

Гулназар дар ҳаёти фарҳангиву иҷтимоии ҷумҳурӣ фаъолона ширкат меварзад. Ӯ раиси Шӯрои назми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буда, дар тарбияи шоирони ҷавон саҳми калон дорад. Ӯ узви ИН ва Иттиҳодияи рӯзноманигорони ҷумҳурӣ аст. Ӯ намояндаи Шӯрои депутатҳои шаҳри Душанбе буд ва ҳоло вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба шеърнависӣ Гулназар ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна шурӯъ кардааст.

Шеърҳои аввалини ӯ дар рӯзномаҳои «Пионери Тоҷикистон», «Комсомоли Тоҷикистон», «Меҳнат» ва маҷаллаи «Машъал» чоп шудаанд. Маҷмӯаи нахустини ашъораш «Расми сарбозӣ» соли 1969 ба табъ расид ва он аз вуруди як шоири соҳибсалиқа ба олами адабиёти тоҷик муждагонӣ дод. Ин маҷмӯаро хонандагону муҳаққиқон хуб пазируфтанд. Сипас паи ҳам маҷмӯаҳои дигари ашъори ӯ «Дастархон» (1972), «Нардбон» (1975), «Ағба» (1979), «Паҳно» (1981), «Лангар» (1984), «Паи дарё» (1987), «Чашми нигин» (1988), «Табхола» (1992) ба табъ расиданд. Ин маҷмӯаҳо ба мисли нардбон болорафти эҷоди шоир, рушду такомули маҳорати суханварии ӯро нишон медиҳанд.

Ҳамчунин маҷмӯаҳои ашъори Гулназар барои бачагон бо унвонҳои «Аз барои Гулъизор» (1983), «Се кӯлчаи танӯрӣ»

(1990), «Об омаду об омад» (1991) интишор ёфтанд, ки тӯҳфаи хубе барои кӯдакону наврасони ҷумҳурӣ мебошанд.

Маҷмӯаҳои ашъори Гулназар ба забони русӣ дар шаҳрҳои Маскав ва Душанбе бо номҳои «Ситораи Улуғбек» (1981), «Чашмаи беном» (1981), «Сояи тут» (1989) чоп шудаанд.

Ашъори Гулназар дар кишварҳои форсизабон низ шӯҳрат дорад. Бори аввал бо ҳуруфи форсӣ маҷмӯаи ашъори ӯ «Тахти Рустам» дар нашриёти «Ирфон» (1990) ба табъ расид. Сипас дар интишороти «Сурӯш»-и Эрон гулчини ашъораш «Забони ошиқӣ» бо интихоби шоири маъруфи Эрон Қайсари Аминпур чоп шуд. Дар пешгуфтори китоб адабиётшиноси варзидаи Эрон Алиасғари Шеърдӯст чанд вежагии шеъри Гулназарро ёдовар шуда, аз ҷумла навишта аст: «Шеъри Гулназар чун худи ӯ соддаву самимӣ аст ва дар Тоҷикистон алоқамандони бисёр дорад».

Маҷмӯаи ашъори Гулназар бо забони арабӣ низ таҳти унвони «Тоҷикистон ватани ман» дар тарҷумаи Назруллои Назар интишор ёфтааст.

Гулназар дар тарҷумаи шеър низ маҳорати баланд дорад. Ӯ беҳтарин осори Ҳ. Ҳейне, М. Лермонтов, А. Фет, М. Светаева, М. Светлов, Р. Рождественский, О. Ватсиетис, Н. Гумилев, Р. Казакова ва шоирони арабу фаронсавиро ба тоҷикӣ тарҷума ва чоп кардааст.

Фаъолияти эҷодии Гулназар хеле васеъ ва пурдомана аст. Ӯ ҳамчунин ба насрнависӣ машғул буда, илова бар очерку мақолаҳои публисистӣ дар таълифи ҳикоя низ ҳунарнамоӣ мекунад. Ҳикояҳои ӯ хеле кӯтоҳу содда буда, арзиши баланди маънавию ахлоқӣ доранд. Дар ҳикояҳои ӯ, ки бештар воқеиянд, ҳақиқати зиндагӣ ва андешаҳои ҳикматомези вай бозтоб ёфтаанд. Дар аксари ҳикояҳои Гулназар хислатҳои ишратдӯстиву зарофатгӯии мардуми Дардар, ки ба он ҳанӯз дар асри XIX Мустаҷири Самарқандӣ дар «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» ишора карда буд, ба қалам омадааст. Маҷмӯаи ҳикояҳои «Таъми тути балхӣ» аз маҳорати баланди нависандагии ӯ дарак медиҳад.

Гулназар дар навиштани драма низ қувваозмоӣ мекунад. Ӯ бештар ба таълифи драмаҳои таърихӣ майл дошта, дар бораи Мансури Ҳаллоҷ ва Имом Ғаззолӣ асарҳои драмавӣ офаридааст.

Намоишномаҳои ӯ «Муҳокима дар шаҳри ҳазору як шаб», «Аз ин варта киштӣ фурӯ шуд ҳазор» дар озмунҳо соҳиби ҷоизаҳо шудаанд.

Хидмати Гулназар дар пешрафти нақди адабӣ ва адабиётшиносии муосири тоҷик низ назаррас аст. Ӯ солҳо ба ҳайси мудири шӯъбаи нақду адабиётшиносии маҷаллаи «Садои Шарқ» ба ҷалби мунаққидону адабиётшиносон ба масъалаҳои мубрами адабиёт талош варзида, ба пешрафти ин соҳа мусоидат намудааст. Зеро он солҳо маҷаллаи мазкур оинаи ҳаёти адабии ҷумҳурӣ ба шумор мерафт ва беҳтарин мақолаву тақризҳо дар он нашр мешуданд. Гулназар аввалин адибест, ки дар бораи шоири бузурги асри XX тоҷик Лоиқ Шералӣ китоби ҷудогонае таҳти унвони « Лоиқи чун Лоиқе» навиштааст, ки дар он муҳимтарин хусусиятҳои шеъри он ва ҳунари волои шоириаш арзёбӣ шудаанд. дар мақолаҳои адабиётшиносии Гулназар назари амиқу пурвусъати ӯ ба падидаҳои адабӣ, андешаҳои холисонаи ӯ нисбат ба ашъори ҳампешагони худ ироа шудаанд. Аз ҷумла дар мақолаи «Вожаҳоро бояд шуст»,ки онро дар охири маҷмӯаи ашъори ӯ «Забони ошиқӣ» (Теҳрон, 1999) низ ҷой додаанд, андешаҳои муҳаққиқонаи Гулназар оид ба шеъри муосири тоҷик ва бурду бохтҳои он баён шудаанд.

Фаъолиёти пурдоманаи адабиву иҷтимоии Гулназар доираи ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмии ӯро васеъ намуда, ба рушду пешрафти вай чун шоир мусоидат кардааст. Саҳми Гулназар дар пешрафти шеъри муосири тоҷик калон аст. Ӯ дар радифи Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ҳақназар Ғоиб, Ҳабибулло Файзулло, Гулрухсор, Саидалӣ Маъмур ва дигар ҳамсафони худ дар пойдории шеъри нав дар адабиёти тоҷик нақши муҳим бозидааст. Ӯ шоири ҷӯяндаву навовар буда, натанҳо ба навпардозӣ дар шаклу қолаби шеър пардохтааст, балки ба мӯҳтавои шеър, тасвиру бофти сухан низ тозагиҳо ворид намудааст. Дар маркази ашъори Гулназар низ инсони муборизу ҷӯянда қарор дорад. Қаҳрамони лирикии ашъори ӯ инсони фаъолу пӯё ва пурталошу ҷӯё буда, пеш аз ҳама ба модар, Ватан, муқаддасоти миллат меҳру муҳаббат ва дилбастагиву ҳурмати фаровон дорад. Ӯ таваҷҷӯҳи зиёде ба худшиносиву худогоҳии

миллӣ дорад, аз таърихи фарҳанги ғании ниёгони худ ифтихор мекунад, ҳар пораи хоки Ватанро азизу муқаддас мешуморад. Гулназар андешаҳои башардӯстии шоирони маъруфи гузаштаро идома дода, бузургии мақоми инсонро таъкид менамояд:

*Ба одам одамиро кашф карданд,*
*Ки ҷуз ӯ дар ҷаҳон пайғамбаре нест.*
*Ба нақди дил басе исбот карданд,*
*Ки қимматар зи одам гавҳаре нест.*

Ҷанбаи иҷтимоии шеъри Гулназар хеле қавист. Аз ин ҷост, ки шеъри ӯ ба сифати Суруди миллии Тоҷикистон интихоб шуда, ба ҷузъи муқаддасоти миллӣ шомил гардидааст. Шеъри дигари ӯ низ дар озмун ғолиб омада, ҳамчун Суруди Анҷумани тоҷикони дунё пазируфта шудааст. Баёни андешаҳои ҳикматомезу нуктаҳои фалсафӣ, ки аз вежагиҳои шеъри Лоиқ буда, аз шеъри классикии форсу тоҷик ва олам маншаъ мегирад, дар шеъри Гулназар низ мавқеъ пайдо мекунад. Ин ҳоло бештар дар ғазалҳову рубоиёт ва дубайтиҳои ӯ ба назар мерасад:

*Сифла аз беномгии худ зинда аст,*
*Суннати номусу орам мекушад.*

❂ ❂ ❂

*Нахезад аз яхистон ҳосиле ҳаргиз,*
*Ба хоки гарм деҳқон дона мерезад.*

❂ ❂ ❂

*Чу дарёҳо дамидан ҳам ҳунар бод,*
*Чу шохи гул хамидан ҳам ҳунар бод.*
*Ҳунармандон ба қадри зар расиданд,*
*Ба қадри сар расидан ҳам ҳунар бод.*

Мавзӯи ҷовидонии ишқ низ дар ашъори Гулназар мавқеи баланд дорад. Вале дар тасвиру баёни ин мавзӯъ низ Гулназар ба

умуминависиву пургӯйӣ, ки ба аксари шоирони мо хос аст, роҳ намедҳад. Ӯ саъй менамояд, ки ҳатто дар ҳадиси ишқ, ки ҳазорон сол аст такрор мешавад, сухани тозае гӯяд. Тавре ки маълум аст, ишқ мавзӯъ ва василаи асосии баёни андеша дар адабиёти ғании тасаввуфии мост ва баъзе тасвирҳо борҳо такрор шуда, ба рамзу қолаб табдил ёфтаанд. Вале Гулназар дар шеъри «Масҷиди ишқ» бо истифода аз падидаҳои динӣ шеъри ишқие офаридааст, ки дар он меҳру садоқати ошиқ ба маъшуқ хеле соддаву самимӣ ва мушаххас баён шудааст:

*Канорам нишину ба сеҳри нигоҳам*
*Гуноҳе ту кам кун, савобе ту зам кун.*
*Чу фирдавси пок аст оғӯши покат,*
*Ту фирдавсиам кун, ту фирдавсиам кун.*

Мавзӯи ишқ дар ашъори Гулназар ҳамеша бо масоили иҷтимоиву ахлоқӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Дар ишқияҳои шоир баёни урёни эҳсосоти шаҳвонӣ, ки мутаассифона,дар шеъри имрӯзи тоҷик ривоҷ меёбад, ба назар намерасад. Барои қаҳрамони лирикии Гулназар ишқ гавҳари азизу муқаддас, василаи покиву таҳорати ботинии инсон аст:

*Чу номи духтарӣ поку ҳалолӣ,*
*Чу шавқи дилбарӣ поку ҳалолӣ.*
*Ба сони байти нав ҷустам туро ман,*
*Чу нони шоирӣ поку ҳалолӣ.*

Доираи мавзӯоти ашъори Гулназар низ мисли худи ҳаёт васеъ ва густурда аст. Яке аз мавзӯъҳои муҳиме, ки дар чандин шеъри шоир ва ба хусус дар силсилаи шеърҳои «Тахти Рустам» бозтоб ёфтаанд, масъалаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла тасвири ҳаёту муборизаи мардуми кишвари дӯсту ҳамсояи мо Афғонистон аст. Азбаски Гулназар муддате дар ин кишвар зиндагӣ ва кор кардааст, аз дарду ранҷҳои мардуми ҷафокашу муборизи он огоҳӣ дорад ва онро дар шеърҳои худ хеле самимиву муассир баён кардааст.

Мавзӯи ҷанг ва оқибатҳои фоҷиабарори он дар ашъори Гулназар мавқеи хос дорад. Дар як силсила шеърҳои ӯ муборизаи мардум бар зидди фашизм тасвир шуда бошад, дар чанд шеъри солҳои охир офаридаи шоир паёмадҳои номатлуби ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ ба қалам омадааст.

Гулназар дар сурудани ашъори ҳаҷвӣ низ маҳорати баланд дорад. Шеърҳои ҳаҷвии шоир соддаву равон ва нишонрас буда, аз як тараф нуқсонҳои иҷтимоиву фардиро фош карда, аз сӯйи дигар завқи хонандаро болида месозанд.

Саҳми Гулназар дар ривоҷи шеър барои кӯдакону наврасон низ калон аст. Ӯ аз зумраи он шоирони ангуштшумор аст, ки пайваста барои баччаҳо шеър менависанд. Вежагии чунин шеърҳои шоир низ пеш аз ҳама соддагиву самимияти онҳост. Ӯ эҳтиёҷи мубрами ин соҳаи адабиётро ба эътибор гирифта, ҳамвора саъй менамояд, ки барои парвариши завқи баччаҳо, тарбияи ахлоқиву маънавии онҳо шеъри дархӯри замон офарад. Бесабаб нест, ки дар кӯдакистону дабистонҳо имрӯз бештар шеърҳои ӯро азбар мукунад.

Ашъори Гулназар аз назари анвоъу қолаби низ ҷолиб аст. Ӯ тақрибан дар ҳамаи навъҳои маъмули шеъри классикӣ ва наву кунунӣ асар офаридааст. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки ӯ аз адабиёти класикии тоҷику форс огоҳии хуб дорад, ки инро дар истифодаи навъҳои ғазалу маснавӣ, рубоиву дубайтӣ ҳам метавон дарк кард. Ӯ ҳатто баъзе навъҳои шеъри классикиро, ки имрӯз фаромӯш шудаанд, мавриди истифода қарор медиҳад. Масалан, ӯ аз навъҳои таркиббанду тарҷеъбанд, мустазоду қитъа дар мавридҳои зарурӣ хеле хуб истифода кардааст.

Гулназар дар навиштани достон низ ҳунарнамоӣ карда, чанд маснавӣ офаридааст. Достони аввалини ӯ «Саводи зиндагӣ» шаҳодат дод, ки шоир метавонад дар эҷоди достон низ комёб бошад. Дар ин достон тасвири воқеии ҳаёт паёваста бо эҳсосу самимият мушоҳида мешавад. Дар достони «Паи дарё» ин тарзи тасвир инкишоф меёбад.

Яке аз вежагиҳои сабки Гулназар майлу таваҷҷӯҳи зиёди ӯ ба тасвирофаринист. Дар ашъори ӯ тасвирҳои тоза аз қа-

били «панҷаҳои офтоб», «ашки дарахт», « шеъри сабз» хеле фаровонанд.

Гулназар сухандону сухансанҷ аст ва нозикиҳои вожаҳоро хуб дарк менамояд. Ӯ аз паҳлӯҳои гуногуни сермаъноии калима, тобишҳои рангини он моҳирона истифода мебарад. Ӯ мисли заргар аз ганҷинаи забони мардум вожаҳои нобро пайдо намуда, ба риштаи назм мекашад. Соддагиву самимият ба шеъри шоир рӯҳу таровват мебахшад. Аз ин ҷост, ки шеъри ӯ дилкашу дилнавоз буда, ба ҳамаи тоифаи хонандагон писанду мақбул аст.

Имрӯз Гулназар, ки ба қуллаи шастумини умр расидааст, дар қуллаи камолоти суханварӣ қарор дорад. Вале ӯро қуллаҳои нави эҷодӣ дар пешанд. Дар роҳи фатҳи қуллаҳои нав ба ӯ комёбиву фирӯзиҳо таманно дорем.

***Абдушукури АБДУСАТТОР,***
***доктори илмҳои филологӣ, профессор***

## ТАРКИ ИҶОРА*
## *(Назаре ба шеъри Гулназар)*

...Баъди ба майдони адабиёт омадани шоироне чун Лоиқ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор ва ҳамсафони онҳо марҳалаи тозае дар таҳаввули шеъри тоҷикӣ ва эҳёи забони шеъру шеърияти он оғоз гардид. Шеър тадриҷан аз маҳдудаи иҷтимоъгароӣ раҳоӣ ёфта, ба тасвири ҷаҳони ботинии инсон, розу ниёзҳои ӯ, эҳсосу авотифи вай пардохт. Ба ҷои алфозу таъбироти ҳазорсола ва забонзадашудаи гулу булбул, шамъу парвона, сарву сунбул, рақибу ағёр ва амсоли инҳо вожаҳои наве дар доираи имконоти забони тоҷикӣ ва омӯзишу истиқболи сувари хаёли шуарои ҳамзабон Нодири Нодирпур, Нимо Юшиҷ, Ахавони Солис,

* Абдусаттор А. Тарки иҷора: Назаре ба шеъри Гурназар // Адабиёт ва санъат. – 2004. - 3 сентябр. - С. 8-9.

Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва соири онҳо ба миён омаданд ва тадриҷан эҳёи забони шеъри муосири тоҷик ва шеърияти он ҷараён ёфт.

Яке аз пешравон ва парчамбардорони ин неҳзат Гулназар мебошад. Маъмулан, вақте ки сухан дар бораи шоире меравад, баҳс фақат бар бораи он аст, ки ӯ дар кадом мавзӯот ва қолабҳои шеърӣ сухан гуфта ва чӣ ҳадафҳои иҷтимоӣ дар онҳо ниҳон аст. Вале мо ин қолабро шикастем ва ҳадафи мо барасии зебоиҳои забони шеъри Гулназар, шинохтани шеърият ва ҳунари суханварии ӯст.

Вақте ки маҷмӯаи нахустини Гулназарро, ки соли 1969 бо номи «Расми сарбозӣ» ба табъ расидааст, ба даст мегирем, хоҳем дарёфт, ки гӯяндаи онҳо табиатан шоир аст, барои шоирӣ ба дунё омадааст, расолати ӯ, ҳадафи зиндагии ӯ шеъру сухан аст.

Бисёр дидаем, ки шоире тамоми умр шеър гуфтаву теъдоди зиёди китобҳо чоп карда, вале дар онҳо як байте пайдо кардан душвор аст, ки шеър бошад, на назм, сухани тозае, таъбири наве, маънии бикре дошта бошад. Вале дар ҳамон маҷмӯаи нахустини Гулназар мебинем, ки ӯ сухани худро дорад, дар пайи офариниши шеър аст, на назм. Масалан, дар намунаи зайл мехонем:

*Чу дандоҳои тифлӣ бебақоӣ кард ишқи мо,*
*Бирафтӣ аз канори ман,*
*Чу ишқи нобарори ман.*
*Намесозем ёди лаҳзаҳои рафтаро дигар.*

Ё дар бораи шеъри худ мегӯяд:

*Гоҳ аз ту ҷавшан сохта,*
*Бо хасм оям рӯбарӯ.*
*Ханҷар намуда мисраат,*
*Хун резам аз қалби адӯ.*

Ё дар байти зайл:

*Зиндагӣ ҳамчун гилеми кӯҳнаест,*
*Сад биафшонӣ, нагардад тоза он.*

Воқеан, вуҷуди таъбирҳои «чу дандони тифлӣ бебақо будани ишқ», «аз шеър ҷавшан сохтан ва ханҷар намудани мисраи он», «чу гилеми кӯҳна будани зиндагӣ» дар сухани шоири ҷавоне, ки дар ин ҷода навсафар аст, башорат аз тавфиқиояндаи ӯ дар шоирӣ медиҳанд.

Дар бораи деҳа ва зодгоҳи худ шеърҳо бисёр гуфтаанд, вале дар «Расми сарбозӣ»-и Гулназар шеъреро мехонем бо номи «Лаълии пур аз неъмат», ки аз ду байт иборат аст ва соли 1963 дар синни ҳаждаҳсолагии ӯ гуфта шудааст. Бо вуҷуди он ки мавзӯи ин шеър нав нест, вале тасвири деҳа дар он шоирона ва нотакрор аст, ки чунин омадааст:

*Деҳаам дар домани кӯҳпораест,*
*Ҳамчу лаълии пур аз шаҳду шакар.*
*Кӯҳ гӯӣ дар каф онро дошта,*
*Марҳамат гӯяд ба ҳар як раҳгузар.*

Дар ҳақиқат офарида тавонистани чунин тасвири деҳа ва дарёфти қиёси он ба лаълии пур аз шаккару дар кафи кӯҳ чун лаълӣ қарор доштани он барои ҷавони ҳаждаҳсола бе вуҷуди истеъдод ва заковати фитрии шоирӣ даст надодааст. Бунёди мағзу мояи шеъри дигари ин маҷмӯаи – «Хайрбоди барг бо дарахт» манзараи одии табиат аст, ки гӯянда аз он шеър сохта тавонистааст. Барге, ки бо дарахт-модари худ пайванд буду аз ӯ ҷудоӣ надошт, фурсате расид, ки бар асари хазон модари худро тарк кунад. Вале ӯ фарзанди бемеҳру бевафо нест ва боз ба пои модар хоҳад афтод:

*Аммо чу меҳр аз бари модар намеравам,*
*Дар чанги бод хонаи ахтар намеравам —*
*Афтам ба пои ту.*

Албатта, «Расми сарбозӣ» иқдоми нахустини Гулназар дар ҷодаи шоирӣ буд ва минбаъд роҳи эҷодии ӯ бо нашри маҷмӯаҳои «Дастархон», «Паҳно», «Лангар», «Чашми нигин», «Паи

дарё», «Табхола» ва ғайри онҳо идома ёфт, ки баррасии куллияи онҳо аз имкони ҳаҷми як мақола берун аст.

Аз ин хотир, мо мехоҳем, дар асоси ашъори се маҷмӯаи шоир – «Забони ошиқӣ», «Шӯълаи барқади сӯзони малоҳат», «Фариштаи бомдод», ки дар тӯли даҳ соли охир дар Теҳрон, Хуҷанд ва Душанбе ба табъ расидаанд, таваққуф намоем, то маълум карда бошем, ки гӯяндаи онҳо аз лиҳози ҳунари суханварӣ ба кадом пояе расидааст.

Мутолиаи ашъори Гулназар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ дигар пойбанди қолаб ва вазну мавзӯъ нест, балки вазну қолаб пойбанди ӯст, ӯ дар паи шеъру шеърият аст, на шаклу қолаби зоҳир. Якнавохтии вазн ва фарсудагии қолаб дар мавридҳои алоҳида имкони таҳаммули бори шеърро надорад. Аз ин ҷо қолаби вазну қофия шикаста мешавад. Шеър баъзан дорои вазни суннатист, вале тавозуни аркони арӯзӣ ва баробарии мисраъҳо яксон нест. Масалан, дар фиқраи зайл:

*Як замон домони чоки куртаҳои тифлиамро бо рубоӣ*
*васла мезад модари ман.*
*Оламе, к-ӯ зиндагӣ мекард дар кошонаи афсонахези*
*пайкари ман,*
*Ҳамчунон марде, ки биншинад иҷора, рӯзу шаб медод*
*Сиккаи хуршеду маҳтобам кироя.*
*Як замон*
*Духтари таркокули борон маро бар ҳиҷлаи*
*озодагӣ мехонд,*
*Чилчароғи пуршукӯҳи лаҳзагии баркро шодона дармедод,*
*Бӯса мебахшид,*
*Гиря меомӯхт.*

Дар шеъри мазкур риояти вазни арӯз ва баҳри рамали он вуҷуд дорад, вале якнавохтӣ ва баробарии аркони рамал, яъне «фоилотун» дар мисраъҳо шикаста шудааст.

Дар шеъри дигар ҳам қолаб мусаммати мусаллас аст, вале таъбири «мурдагонро макушед», ки чун таъкид баъди се мисраъ меояд, тағире дар шакли суннатӣ маҳсуб мегардад:

*Пешпо хӯрдани мо аз ману мост,*
*Зинда афсурдани мо аз ману мост,*
*Ғусса парвардани мо аз ману мост,*
*Мурдагонро мекушед.*
*Маҳ наояд агар аз равзани мо,*
*Каҳ нахезад агар аз хирмани мо,*
*Душмане нест ба ҷуз гардани мо,*
*Мурдагонро мекушед.*

Муҳим аз ҳама он аст, ки дар ҳар ду шеър ҳам бо забони шеърӣ, алфозу таъбироти хоси шоирона ва шеърияти онҳо мувоҷеҳ мегардем, ки дар таъбироти «бо рубоӣ васла задани домани чоки куртаҳои тифлӣ», «кошонаи афсонахези пайкар», «сикаи хуршеду маҳтобро кироя додан», «духтари таркокули борон», «чилчароғи пуршукӯҳи яклаҳзагии барқ», «мурдагонро накуштан» ва амсоли онҳо ифода ёфтаанд.

Ҷаҳони шеъри шоир ончунон фароху рангин аст, ки дигар имкони гунҷоиш дар қолаби суннатиро надорад. Аз ин хотир ӯ руҷӯъ ба шеъри озод мекунад, ки вазну оҳанги хоси худро дорост, вале аз қайду банди вазну қолаби синнатӣ озод аст. Чунин шеърҳо ҳаҷман аз ду сатр то сӣ ва бештар аз он иборатанд ва қисмате аз ашъори шоирро ташкил менамоянд. Аз ҷумла шеъри «Маҳр», ки аз 28 сатр иборат аст, чунин оғоз меёбад:

*Ин субҳи оҳарии сабукрӯҳро,*
*Дасторвор бар сари меҳан гузоред.*
*Ин навбаҳори нозуки абрешимиро,*
*Мисли қабо ба дӯши наҳифаш биафканед.*
*Аз шӯълаҳои ваҳши хуршед,*
*Кафше заррин ба обилаи пои ӯ кунед…*

Чунонки мебинем, шеъри мазкур аз қайди вазну қофияи суннатӣ озод аст, вале аз лиҳози шеърият ҷаззобу муассир ва тозаву пуртароват аст. Тасвирҳои дасторвор бар сари меҳан гузоштани субҳи оҳарии сабукрӯҳ, ба дӯши наҳифи он чун қабо афкандани навбаҳори нозуки абрешимӣ, кафши заррин аз

шӯълаҳои ваҳшии хуршед ба пои он кардан ҳолати муайянро ба шеър табдил додаанд. Дар шеъри дигар, ки ҳаҷман хурд аст, ҳолати ҳузнангезе тасвир мегардад. Гадое бо дасти тиҳӣ дар сари роҳ истодааст ва ба кафи дастони ӯ оби борон мечакад. Натиҷае, ки аз ин ҳолат бардошта мешавад, онро ба шеър табдил медиҳад:

*Дар сари раҳ,*
*Бар тиҳигоҳи кафи дасти гадо*
*Оби борон мечакид.*
*Аз сари мижгони ман*
*бо ашки хунин*
*Тоҷикистон мечакид.*

Назари шоиронаи Гулназар, истеъдоди фитрии ӯ аз ҳар гуна мавзӯъ, манзара, фикру андеша, эҳсосу авотиф, дарду андӯҳи инсон, розу ниёзи ӯ шеър месозад. Зебоию таровати вожаҳо, интихоби алфозу таъбироти ҷаззобу рангин шеърияти офаридаҳои ӯро таъмин менамояд, муассиру хотирнишин мегардонанд. Масалан, костагии мақоми шеъру шоир дар ҷомиа, ҳукмравоии моддиёт, таназзули маънавият дар шеъри ҳамқаламони Гулназар низ мақоме дорад, вале ӯ ин маъниро ҳам аз диди нави шоирона ва шеърияти ба қалами ӯ хос чунин изҳор менамояд:

*Дар замине, ки ҳама шеъру суруд асту ҳиҷо,*
*Шеърхоне ту наёбӣ, аҷаб аст.*
*Шоири нодир нест,*
*Тоҷири шоир ҳаст.*
*Рӯдакиву суханаш*
*Бо ароба дари Бағдод заду роҳи Ҳиҷоз.*
*Сухани Лоиқи бечора ба тайёра натонад рафтан*
*То ғарибии деҳи Рӯдаки ман.*
*Аз талу ёлаи наврӯзии ин хоки биҳишт*
*Лола мерӯяду ревоҷу дубайтиву рубоӣ.*
*Ин яке зебиши бозор бувад баҳри тиҷорат*
*В-он дигар аз назар афтода чу мушти хасу хоре.*

*Ҳайф аз кишвари байту ғазалу сарвода:*
*Гар бинолам, ки «дилам», хома нависад, ки «дирам»,*
*Мисраи шоири Сомонӣ агар бигзарад аз хотири ман,*
*Ҳамчу як армонӣ*
*Мекунам орзуи Бисту Сади Сомонӣ!*

Ҳамин маънии болоравии ҳисси моддиёт, чашмносериву беинсофӣ ва нафспарварии иддае аз афроди ҷомиа дили шоирро ба риққат меорад, дилаш ба ҳоли маънавият ва одамият месӯзад ва бо истеҳзои дардомез мегӯяд:

*Сар ба сар ин шаҳр як чашми гурусна-ст,*
*Таҳ ба таҳ ин шаҳр як ишкамбаи ҳирс аст.*
*Сангҳои Тоҷикистонро фурӯ гар афканам бар ин халои*
*ваҳмангезу балопарвар,*
*Боз ҳам камбуд хоҳад буд.*
*Қатра – қатра оби Ҷайҳунро агар ман обрӯ созам,*
*Доғи бенангӣ натонам шуст аз пироҳани имрӯз.*
*Бенавоӣ меравад аз кӯчаҳо беқайду бепарво,*
*Пешпоӣ медиҳад хурду калонро ҳар гаҳу бегоҳ.*
*Оҳ! Оҳ!*

Чунонки қаблан гуфтем, Гулназар пойбанди қолаб нест, баръакс қолаб пойбанди шеъри ӯст. Ӯ қабл аз ҳама шеър меофаринад ва қолаби муносибро мутеи он мегардонад. Агар мӯҳтавои шеъри ӯ фарохтар бошад, онро дар қолаби шеъри озод ё суннатии ҳаҷман васеътар ҷой медиҳад.

Агар шеър дорои як нуктаи муҳим, як фикри ҳикматомез ё андешаи муҷаррад бошад, онро дар шакли рубоӣ, фардбайт ё қолабҳои кӯтоҳ мегӯяд. Аз ҷумла дар шеъри зайл бо номи «Ариза», ки аз ду байт иборат аст ва солҳои навадум ин навъ шеърҳоро «эпиграмма» мехонданд.

*Каристонро чӣ кор ояд садои ман?*
*Кам аст ин ҷо барои ман ҳавои ман!*

*Бубахшам бар лиқои ту атои ту,*
*Худо бахшад гуноҳи «нағмаҳои» ту.*

Теъдоди дигари шеърҳои шоир танҳо аз як банди сесатрӣ иборат буда, дар онҳо ин ё он ҳолат ё ҳақиқате ба шеър табдил ёфтааст. Масалан, дар намунаи зайл, ки «Борон» ном дорад:

*Бекасу овораву сарсон,*
*Медавад дар кӯчаҳо борон —*
*Бачагии пойлучи Тоҷикистон.*

Ё дар шеъри «Дар зодрӯзи Олимпур».

*Ту маргро ба марги худ куштӣ,*
*Мағлубгоҳи зиндагонро*
*Ғолиб гузаштӣ.*

Дар миёни ашъори Гулназар теъдоди фардбайтҳое ҳам ба назар мерасанд, ки ҳар як андешаи томеро ифода мекунанд ва баъзан аз онҳо як шеъри алоҳида сохта мешавад, ки намунаи онҳо шеъри «Дар пояи муҷассамаи Исмоили Сомонӣ» мебошад. Фардбайтҳои шоир ишора ба фикру андеша ё падидаву рӯйдоди муайян мебошад, ягон нукта ё андешаи муҳиму ҳикматомез ё ҳақиқати воқеии зиндагиро ифода менамояд, ки намунаи онҳо байти зайл аст:

*Қитъа – қитъа шеъри ман ҷамъу парешон аст,*
*Нусхае аз ғуссаҳои Тоҷикистон аст.*

Бояд гуфт, ки Гулназар шоири жанрҳои ҳамосӣ нест, гӯяндаи ашъори ғиноист, тасвиргари ҷаҳони ботинии инсон, розу ниёзҳои ӯ ва эҳсосу авотиф аст. Аз ин ҷост, ки дар маҷмӯаҳои ашъори вай шеърҳои калонҳаҷм мушоҳида намешаванд, ағлаби кулли ашъори ӯ ҳаҷми хурд ё миёна мебошанд. Дар миёни шеърҳои ӯ шаклҳои суннатии шеъри форсӣ низ кам нестанд, вале

теъдоди истифодаи қолабҳои суннатӣ маҳдудтар аст ва асосан аз қитъа, мусаммат, ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ иборат аст.

Дар қолабҳои суннатии шеъри Гулназар низ мо бозтоби ҷаҳони андеша ва шахсияти эҷодии ӯро мушоҳида менамоем. Аз ашъори ӯ маълум мегардад, ки ҳарчанд вай тибқи барномаи замони шӯравӣ маълумоти миёна ва олиро фаро гирифтааст ва бо хати кирилл савод омӯхтааст, вале аз роҳи мутолиоти мустаҳким ва худомӯзӣ осори адабии гузаштагони шеъри Аҷамро хуб омӯхта, аз ашъори ҳамзабонони афғону эронӣ низ огоҳии том пайдо кардааст. Аз назарияи шеъри форсӣ ва сайри таҳаввули он ҳам хуб бохабар аст. Ин ҳақиқатро ашъори худи шоир ва андешаҳои назарии ӯ дар боби шеъри гузаштаву муосири тоҷик, ки ба воситаи матбуот ба табъ расидаанд, исбот менамоянд. Алалхусус навиштаи ӯ бо номи «Вожаро бояд шуст», ки дар китоби «Забони ошиқӣ»-и ӯ ворид гардидааст, аз иттилои вай дар назария ва амалияи суханшиносӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Гулназар дар мақолаи мазкур дар бораи ибтикори Лоиқ дар рубоиву дубайтӣ ва ғазалсароӣ сухан ронда, менависад, ки «дар солҳои пас аз Инқилоб ҳам бисёр рубоӣ ва ғазал сурудаанд. Чун шеър дар чоҳи умумигӯӣ ва шиорзанӣ нафасгир буд, рубоӣ ва дубайтиву ғазалҳо низ бо ҳоли зор ба рӯи коғаз меомаданд. Муҳити тозаи адабӣ, ки дар охири солҳои панҷоҳ ва аввали солҳои шаст тавлид шуд, заминае ба вуҷуд овард, ки Лоиқ он тозакориҳоро ба рубоиву дубайтӣ ва ғазал кӯчонд. Яъне, рӯҳи тозаи шеъри нав ба колбади кӯҳнаи рубоиву дубайтӣ ва ғазал роҳ ёфт». (Гулназар. Вожаро бояд шуст // Забони ошиқӣ). Айни ҳамин суханонро дар бораи қолабҳои суннатии шеъри Гулназар, алалхусус рубоиву ғазалиёти ӯ метавон гуфт. Ҳарчанд дар маҷмӯаҳои шоир теъдоди ғазалҳо нисбатан камтаранд, вале дар ғазалиёти ӯ ҳамон рӯҳи тозаи ибдоъ ва пироҳани тозаи таъбироти шоирона ва розу ниёзҳои инсонро чун дар ғазали Лоиқ мебинем, ки яке аз намунаҳои онҳо абёти зайл аз як ғазали ӯст:

*Кишвари яъқубии моро насими пираҳан оред,*
*Нури ҳасратдидаи чашми Ватанро бар Ватан оред.*

*Ғайри тифли ғам наосояд дар ин гаҳвораи гирён,*
*Бевамарди дардҳоро дардҳои бевазан оред.*
*Доғҳо гул мекунад дар гармсери синаҳо ҳар дам,*
*Аз даман бигрехт лола, лолаҳоро бар даман оред…*

Ба замми рӯҳу равони тоза ва алфозу таъбироти шоирона, ки дар ғазали мазкур мебинем, ишороти талмеҳие ба шахсиятҳои дину фарҳанг ва адабиёти гузашта аз қабили Мансури Ҳаллоҷ, Яъқуб, Юсуф, Масеҳ, Сулаймон, Қаъба, Кӯҳкан, Аҳриман ва амсоли онҳо ба назар мерасанд, ки аз вусъати доираи иттилооти илмӣ ва адабии гӯянда гувоҳӣ медиҳанд. Ҳамин ҳолатро дар рубоиёти ӯ низ метавон дид. Масалан, дар рубоии зайл, ки талмеҳри маънисози он санади кӯтоҳии умри Дақиқӣ, нотамом мондани «Шоҳнома»-и ӯ ва онро идома додани Фирдавсӣ мебошад.

*Бо ман бигузор ҷони афгори маро,*
*Чун умри Дақиқӣ машикан кори маро.*
*Фирдавсии дигаре нагӯяд паси ман*
*«Шоҳнома»-и ҳасрати дили зори маро.*

Дар робита бо масъалаи рубоӣ бояд гуфт, ки ин қолаби шеърӣ дар эҷодиёти Гулназар мавқеи намоён дорад ва дар маҷмӯаи «Шӯълаи барқади сӯзони малоҳат» ворид гардидани 383 рубоӣ низ гувоҳи ин ҳақиқат аст. Дар рубоиёти Гулназар ҳам чун дар дигар ақсоми шеъри ӯ андешаи амиқ, дарду андӯҳи инсон, розу ниёзҳои ӯ мағзу мояи шеърро ташкил намудаанд. Аз ҷумла, дар рубоии зайл, ки танзи латифе ба шикампарастону нафспарварон аст:

*Зи кӯрдилон! Сиришти биное ҳаст,*
*Чашме бикушоед, саропое ҳаст.*
*Он сӯи шикамҳои пур аз боди шумо*
*Дунёе ҳаст, ҷони зебое ҳаст.*

Чунон қаблан гуфта будем, манзури аслии мо баррасии шеърияти эҷоди Гулназар, забони шеъриест, ки ӯ дар доираи имконоти забони тоҷикӣ падид овардааст. Барои Гулназар қолаб танҳо василаест, сурати зоҳирист барои баёни шеърият ва забони шеърӣ. Ӯ ба василаи ба шеър табдил додани ҳолат, ибдои забони шеърии Гулназаронаи худ саъй мекунад, ки ба забони якнавохту фарсудаи шеъри тоҷикӣ, ки дар тӯли беш аз ҳафтод сол ба забони авом наздик гардида, алфозу таъбироти он аз шеъре ба шери дигар якрангу якнавохт мегузашт, пироҳани тозаи зебову муҷалло пӯшонад. Аз ин ҷост, ки дар ҳар як шеъри ӯ, дар кадом қолаб ё навъи адабӣ гуфта шуда бошад, бо сувари хаёли шоирона, алфозу таъбироти тоза мувоҷеҳ мегардем, ки хоси шеъри ӯст ё дар забони имрӯзи тоҷикӣ тозаву ибтикорӣ мебошад. Бисёр мехонем, ки дар бораи Тоҷикистон, шуаро шеър мегӯянд, вале вақте ки «Шеъри озод дар рӯзи озодӣ»-и Гулназарро мехонем, бо забони шеърии ба ӯ хос мувоҷеҳ мешавем, ки шеърият ва тозагии сухани ӯро фароҳам овардааст. Аз ҷумла дар сатрҳои зайл, ки «яшти наврӯзии озодӣ», «ҷома аз ҳарири бомдодон», «домани оҳарӣ», «дар хок хори ғуссаву андӯҳ коридан», «саркӯби гулҳои табассумҳои тифлон шудан» аз ҳамин қабил таъбироти шоиронаи ӯст:

*Яшти наврӯзии озодӣ,*
*Яшти озодӣ муборак, Тоҷикистон!*
*Ҷомаи ту аз ҳарири бомдодон аст,*
*Шом бо дастони зулмонӣ нагирад домани оҳории ту.*
*Ҳар қадар дар хоки ту корем хори ғуссаву андӯҳ,*
*Боз ҳам саркӯби гулҳои табассумҳои тифлон аст.*

Шабеҳи чунин таъбироти шоирона ва забони зебою рангинро дар намунаи дигари зайл низ мебинем:

*Мавҷи уқёнуси гардун пургубор аст,*
*Рӯдҳо бо рӯҳи чиркин дар гурезанд,*

*Чашмаҳо софии худро мефурӯшанд,*
*Мон, ки аз Баҳри Сиёҳи чашмҳоят бишканам ман*
*ташнагии бекаронамро.*
*Аз азон барвақтар мехезам аз хоб,*
*Ранги субҳи оҳариро бар тани деворҳои шаҳр мемолам,*
*Чанги торикиву ваҳшатро зи рӯи кӯчаву паскӯча мерӯбам,*
*Хори бедоди шаби лоқайдро аз раста мечинам,*
*То нисори пои ташрифат кунам гулбаргҳои интизорамро.*

Ё дар сатрҳои зерин аз шеъри дигари шоир мехонем:

*Маро бигзор чун дарёи кӯҳистон.*
*Ба танҳоӣ бигирям дар дили танҳои кӯҳистон.*
*Ту бодоми гулафшонӣ*
*Ки гулханди ту натвонад, ки беҳрамии сармои*
*замонро пеши раҳ гирад.*

*Ту шеъри нозанинӣ бар лаби марги Ҳилолӣ,*
*нозанини ман,*
*Ки натвонад инони саркаши ҷаҳли сияҳ гирад.*

Ҳамин забони шевои шоирона дар ашъори дар қолабҳои суннатии шеър гуфтаи Гулназар низ ба мушоҳида мерасад ва дар онҳо низ, ба қавли худаш «дар хонаи сохтаи дигарон иҷоранишин» нест, балки барои баёни эҳсосу авотифи худ хонае аз сухани хеш бунёд кардааст.

Тобиист, ки дар як навишта баррасии тамоми эҷодиёти як шоир, аз ҷумла Гулназар, аз имкон берун аст, вале аз ҳамин як назари мухтасар ҳам маълум мегардад, ки Гулназар дар шеъри имрӯзи тоҷикӣ шахсияти адабист.

Гулназар шахсияти адабии воқиан ва табиатан шоир аст, ки забони шеъри имрӯзаро аз якрангӣ ва якнавохтӣ раҳоӣ бахшида тавонист, ҳолатро ба шеър табдил дода тавонист ва тавонист, ки «дарвозаҳои бастаи шеърро» кушояд, «то ба он ҳавои тозаи дарҳои дигар низ роҳ ёбад» (Гулназар. «Вожаро бояд шуст».

саҳ. 208)., Дар ҳамин аст шеърияти сухани ӯ ва дар ҳамин аст расолати шоирии вай ва хидматаш барои шеъри муосири тоҷик, ки таҳқиқи муфассали он барои шинохтани бурду бохти шеъри имрӯзи мо мусоидат хоҳад кард.

***Саидалӣ МАЪМУР,***
***Шоири халқии Тоҷикистон***

## ҒАВВОСИ ДАРЁИ ШЕЪР[1]
### *(Нигоҳе ба эҷодиёти Гулназар)*

Қариб се даҳсола аст, ки шоир Гулназар шеър мегӯяд ва хонандаи тоҷик то кунун (1994) бештар аз даҳ маҷмӯаи ашъори ӯро мутолиа намудааст.Ду китобаш бо ҷоизаҳои Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва Мирзо Турсунзода қадр карда шудааст.

Бешак, назми муосири тоҷикро имрӯз бе эҷодиёти ӯ тасаввур кардан мушкил аст. Зеро Гулназар дар қатори чанд тан шоирони шинохтаву баркамол дар инкишофу равнақи шеъри имрӯзаи мо саҳми муносибе гузоштааст.

Ман тамоми навиштаҳои чопкардаи шоирро мутолиа кардаам ва аз як маҷмӯа то маҷмӯаи дигар пеш рафтани ӯро мушоҳида намудаам. Гулназар асосан ба анъана ва суннатҳои зебою шевои назми бостониамон такя мекунад. Ғазалиёт, рубоиёт, дубайтиҳо ва чанд манзумаву достони шоир дар байни ҳаводорони ашъораш маҳбубияти хосае пайдо кардаанд. Қисме аз онҳо тарона ҳам шудаанд. Гулназар солҳои охир бо номи «Шеъргуна» чанд силсила офарид, ба ин васила равияи як идда шоирони нававари Эронро давом дода, паҳлӯи дигари эҷодиёти худро чун суханвари навҷӯ ва навгӯ ба хонанда во намуд, аксар вақт ба комёбие ноил гардид.

1. Маъмур С. Ғаввоси дарёи шеър: Нигоҳе ба эҷодиёти Гулназар // Ҷумҳурият. – 1994. – 30 июл.

Шеърҳои таи се соли охир навиштаи шоир, ки алъон ҳамроҳи китобчаи бачагонаи «Аз барои Гулъизор» ба ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ пешниҳод шудаанд, бештар шеъргунаҳои муалифро фаро гирифтаанд. Бояд гуфт, ки имрӯз на ҳама шоирони тоҷик ҷуръати навиштани шеъргуна ё шеъри сафедро мекунанд ва агар нависанд ҳам на ҳамаи онҳо ба муваффақият ноил мегарданд. Имрӯз танҳо шеъргунаҳои Лоиқ, Камол, Фарзона, Сиёвуш ва бештар Гулназар сазовори эътибор шудаанду бас. Зеро навиштани шеъргуна ё шеъри сафед аз шоир маҳорати зиёдеро талаб мекунад. Чун дар ин қолаб шоир аз вазну қофия озод мешавад, ӯ бояд, ки дар шеър бештар ташбеҳу тасвирҳои тоза офарад, низоми назмро нигоҳ дорад, мӯҷазбаёниро ихтиёр намояд, пухтаву рехта сухан гӯяд.

Нахустин силсилаи ашъори Гулназар, ки «Хазонаи умед» ном гирифта дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1991, рақами 1) чоп шудааст, 12 шеъри шоирро фаро мегирад. Дар ин силсила ғайр аз шеърҳои дар қолаби анъанавӣ гуфташуда боз чанд шеъргунаи шоир аз қабили «Шеъри 22 декабр навишташуда» «Пайкараҳо фуруд меоянд», «Ҳар шабат хоб мебинам» омадаанд, ки ҳама бахшидаи мавзӯъҳои муҳими зиндагианд, образ ва тасвирҳои зебову шево доранд. Гулназар дар ҳар кадоми ин шеърҳо гоҳо барои исботи фикр ба гузашта рӯ меоварад у онро ба имрӯз муқоиса мекунад, хуласаҳои аниқу амиқ мебарорад. Аз ҷумла ӯ дар «Шеъри 22 декабр – рӯзи кӯтоҳтарини сол навишта шуда» мегӯяд:

*Эй умри ту кӯтоҳ!*
*Мон, ки аз бевафоии дунёи*
*ту навҳа кунам.*
*Чу модарам ба марги*
*бародари ҷавонмаргам,*
*Ту маро ба ёд меорӣ.*
*Навхатони фитодаи раҳи Олмон,*
*(Ки гӯянд: беҳуда буда имрӯз)…*

*Тобути ту ба дӯши хеш мебарам,*
*Чун гунчаҳои хунинкафани Душанбешаҳр,*
*(Ки гӯянд «беҳуда буда» имрӯз).*

Ин шеър ва шеъри дигар, ки «Пайкараҳо фуруд меоянд» ном дорад, таассуроти воқеаҳои маълуми дар Тоҷикистон сар зада мебошанд. Аммо онҳо на ба таври урён, балки мӯъҷазу маҷозӣ ва шоирона эҷод шудаанд.

*Пайкараҳо фуруд меоянд*
*Ҷояшон холист…*
*Ин пайкараҳои сангин*
*Санги маҳаки тиллои мо буда*
*Ё санги таҳдоби бинои мо буда…*
*Сангҳои пора – пораи хомуширо*
*Н – афканед бар сару рӯи ҳамдигар,*
*Ки чун мазори Чилдухтарон*
*Одамилохи мо сар ба сар шавад санглох!*

Шеъргунаи «Ҳар шабат хоб мебинам», минётурест, ки гӯё рассоми чирадасте кашида бошад. Он шеъри ошиқона буда бо чунин сатрҳо оғоз меёбад:

*Ҳар шабат хоб мебинам,*
*Ки ҳарири симгуни саҳоб ба бар,*
*Аз миёни себзори шукуфта мегузарӣ,*
*Боди бомдод мекунад пар – пар*
*Барги гулҳову сарандози сафеди туро*
*Ва ту ошуфта мегузарӣ.*

Дар ин шеър ва шеърҳои дигари шоир калима ва таъбироти зиёдатие вонамехӯранд, баръакс ба назар чунин мерасад, ки шоир ҷои ҳар калима ва таъбиротро хуб медонад ва дар суханофаринӣ заргарӣ кардан мехоҳад.

Шеърҳои дигари силсилаи болоӣ, ки дар қолабҳои анъанавӣ гуфта шудаанд, низ дорои бозёфтҳои зиёди шоирона мебошанд.

Силсилаи дигари шоир «Сарҳад намепазирад озодии пари ман» аст, ки 8 шеърро дар бар гирифта, 12 декабри соли 1991 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» чоп шудааст. Шеърҳои « Водии сӯзон», «Торикӣ», «Ҷомаи субҳ», «Эй ҷаҳон – ҷаҳони умед!», «Дарвозаи хулди барин», «Фариштаи бомдод» ва «Ҳақи фарёд» ҳама ба шакли шеъргуна, ё шеъри сафед эҷод гашта дар онҳо сайқал ёфтани маҳорати шоирии Гулназар хубу барҷаста намудор мегарданд.

Шоирро ин дафъа ҳам воқеаҳои дар Тоҷикистон рухдода ором намегузоранд ва чун як фарди ҷонфидои халқу миллати худ ба дард фарёд мекунад ва мехоҳад, ки гаронгӯшон фарёдашро шунаванд.

*Дили ман марсияи танҳоист,*
*Сари ман хутбаи саргардонист,*
*Вақти зодан агарам нола бар афлок расид,*
*Ҳақи фарёд дар ин шаҳр ҳанӯзам боқист.*
*Оҳ, танганд ҳама равзанаҳо,*
*Нагзарад гуссаи паҳновари ман аз онҳо.*
*Чашми тирезаи мардум баста,*
*Рӯҳи ҳамдарди халоиқ хаста…*
*Бишнавед оҳи маро ҳам боре,*
*Эй гаронгӯшон!*

Силсилаи « Эй табиби ростини ман» (« Адабиёт ва санъат», 11 июни соли 1992) аз 6 шеър иборат аст. Ин дафъа ҳам шоир ба ҳодисаю воқеаҳои нохуши дар ҷумҳурӣ рӯйдода, бе тараф истода наметавонад. Ин аст, ки ӯ аз мусибатҳои ба сари Тоҷикистон ва мардуми он омада, дилҳазин гашта бо афсӯс ва андӯҳи гарон мегӯяд:

*Эй кишвари бе ид, куҷо шуд*
*шафақи парчами идат,*
*Эй пуштаи пурлола, чу поиз кӣ чидат?*
*Эй ҷомаи зарбофт, даридӣ, ки даридӣ,*
*Эй ранги биҳиштӣ, ту паридӣ, ки паридӣ!*

Дар шеърҳои «Бехобӣ», «Мавҷи сафед», «Эй шаб», «Зангӯлаи сабоҳӣ» тасвирҳо ва бозёфтҳои тозаи шоирона кам нестанд.

*Эй шаб, эй шаб,*
*Модари зангии ман,*
*Дар миёни гоҳвори сояпӯшат*
*Сояи хоб аз тулӯи чашми ман бигрехта…*
*Эй шаб, эй шаб,*
*Модари зангии ман,*
*Аллаҳои зангии ту хоб аз*
*чашмони зангиам рабуда…*

Гулназар, ки худ дар зиндагӣ бадард ва бананг аст, аз кору амали бедардону бенангони миллат дилтанг мешавад ва мегӯяд:

*Наъраҳое, ки ҷумла бе дард аст,*
*Гирди ман ҳамчу қалъаи санг аст.*
*Номдории зумрае бе нанг*
*Баҳри ман нанг аст,*
*Ай худо! Ай худо!*
*Дилам танг аст.*

Дар шеъри аввали силсилаи «Ман аз худ ҷудоям» («Адабиёт ва санъат», 13 ноябри соли 1992), ки «Сабзаҳоят арғувонист» ном дорад, шоир боз ба Тоҷикистони худ мурoҷиаткунон гуфтааст:

*Сабзаҳоят арғувонист,*
*Ғунчаҳоят лолазор аст.*
*Ту чӣ саҳроӣ, ки ҳар як зарраи ту*
*Мисли дарё нолабор аст.*

*Эй дили оинаи ман,*
*Эй Фаластини даруни синаи ман.*

Ин шеър саршори меҳру муҳаббати шоир нисбат ба Ватани маҳбуб – Тоҷикистон аст, ки бо самимияти хос ва назари тоза офарида шудааст.

Ниҳоят як даста шеърҳои нави шоир 5 августи соли 1993 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» таҳти унвони «Эй поктар аз умеди навмедон» ба табъ расид. Шеърҳои «Ман барои Тоҷикистони азодор», «Оҳ», «Навҳаи модар», «Бонги тир», «Ин субҳ ғубор чодар афканда», аз лиҳози мазмуну мундариҷа ба он шеърҳое, ки қаблан ба ҳодисаву воқеоти рӯз бахшида шуда буданд, як навъ ҳамовозӣ ва пайвандие доранд. Аммо аз ҷиҳати маҳорати шоирӣ бошад қадре болотаранду ҷамъбастҳои хуби фалсафӣ доранд. Шеърҳои «Оҳ» ва «Бонги тир» ҳамагӣ якбайтианд.

*Дар ин диёр оҳ кашидан чӣ мушкил аст,*
*Тарсам, ки санги кӯҳ ба фарқам раҳо шавад.*

❂ ❂ ❂

*Дар замине, ки қабои лолarангаш дар бар аст,*
*Хониши мургон чу бонги тир меояд ба гӯш.*

Ин байтҳо бегуфтугӯ, аз ҷиҳати маънӣ бори шеъри калонеро мебардоранд. Шоир метавонист, ки ҳамин мазмунро ба шеъри дарозе табдил диҳад. Аммо ӯ кашолбаёнӣ накарда баръакс, мӯҷазбаёниро ихтиёр кардааст, ки ин исботи нисбат ба худ серталаб будани шоир мебошад.

*Мавҷҳо тобути саргарон –*
*Раҳ ба гӯристон наёбад,*
*Об – ашки талхи модарҳо –*
*То абад поён наёбад.*

Дар ин байтҳо, ки аз шеъри «Ман барои Тоҷикистони озодор» оварда шудаанд, ташбеҳи мавҷҳо ба тобути саргардон аз бозёфти тозаи шоиронаи Гулназар аст. Чунин бозёфтҳо дар шеърҳои қаблии ӯ низ кам набуданд.

Ниҳоят, аз нигоҳе ба шеърҳои солҳои охири Гулназар ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷанбаи буррои лирикӣ ва иҷтимоӣ доштан аз муҳимтарин хусусияти онҳост. Шоир дардҳои ҷомеаро дардҳои худ медонад ва мехоҳад, ки ҳам бо сухан ва ҳам бо амал ба он дардҳо шифо бахшад.

Як фарқияти услубии шеърҳои Гулназар аз шеърҳои бисёр ҳамсолонаш дар он аст, ки онҳо публисистикаи хушку урён набуда, балки бештар хусусияти мӯъҷазию маҷозӣ касб кардаанд. Ин бошад оҳанги суханро боло ва шеърро хоно мегардонад.

Имрӯз Гулназар ба дараҷаи устодӣ расида, хонандагон ҳар шеъри навашро бесаброна интизорӣ мекашанд. Агар ӯ замоне дар оби чашмасору рӯдборони диёраш дарси шино омӯхта бошад, ҳолиё худ ғаввоси моҳири дарёи шеър аст. Ва бе тарсу ҳарос аз мавҷҳо ва шӯру исён дар ин дарё шино мекунад, ба қаъри он ғӯта мезанад, гавҳар меҷӯяд, меёбад ва то ба соҳили мурод расидан, гоҳе ба ҳамшиноҳояш дасти мадад дароз мекунад. Аз ҷумла, муаллифи ин сатрҳо ҳам аз ёрию мадади ӯ бенасиб намондааст. Месазад, ки ин ғаввоси дарёи шеър бо гавҳару гавҳарпораҳояш сари вақт қадр карда шавад...

***ФАРЗОНА,***
***шоираи мардумии Тоҷикистон***

## ШОИРИ СУБҲҲОИ ОЯНДА[1]

Шоири бузурги қарни мозӣ Сӯҳроби Сипеҳрӣ барои тасаллои бисёр мунаққидон ва шоирони муосир, ки бо хавотирии яъсолуд аз фардои адабиёт андеша мекунанд ва дар радифи

1. Фарзона. Шоири субҳҳои оянда // Хуҷанд. 2005. -№9. –С. 8.

ин ғамхорону дилсӯзон устоди номвари адабиёти тоҷик, барҷастатарин симои шеъри имрӯз Гулназар Келдӣ низ қарор доранд, мегӯяд: «Ман бар хилофи касоне, ки ба ояндаи адабиёти форсӣ хушбин нестанд, барои адабиёт ояндаи дурахшонеро пешбинӣ мекунам ва ба тараққиву пешрафти он комилан умедворам». Беҳтарин далели гуфтаҳои Сипеҳрӣ боз ҳам шеъри устод Гулназар аст, ки дар оғоз ниҳолаке буда ва ҳоло дарахти азими тановаре гардидааст, ки дар масоҳати бузурги шеъри тоҷикиву форсӣ шохаву барг густурдааст. Шояд матлаъи шеъри устод Гулназар ҳамон дарахти лаби сойи деҳкадаи Дар –Дар бошад, ки бо офтоб муколама мекард ва он руҷӯи зебо писараки навнигоҳи рустоиро беҳтарин ангезаи оғоз шуд. Шояд он таронаҳои маъсуми дардарӣ пушти хотираҳо мондаанд ва инак, ашъори ин бузургмарди шеъри Аҷам ҳамосаи ваҳдати миллӣ ва гимни кишвар гардидааст.

Устод Лоиқ боре дар сӯҳбате гуфта буданд, ки «Ҳеҷ кас дар шеъри муосир ба андозаи Гулназар таҷрибаҳо накардааст». Барҳақ, устод Гулназар шоири диловарест, ки аз таҷрибаҳои бесобиқа намеҳаросад ва дар бисёр маврид нусрат ҳам меёбад ва ибтикору тозакориҳои ҳунарӣ мекунад. Ӯ мехоҳад, ки дар оинаи кӯҳна низ тасвирҳои тоза мусаввар шаванд. Масалан, ғазал, ки шаклу мазмунаш ба чашми имрӯзиён таҳаввулнопазир менамуд, аммо Симини Беҳбаҳонӣ шараёни ғазалро нав кард, устодон Лоиқ ва Гулназар ғазалро ба вусъатободи тозаи андешаву эҳсос бурданд. Нигоҳи устод Гулназар ба шеъри сафеду шеъри нимоӣ, ба шеъри чаҳорпора, дубайтиву рубоӣ ва кулли анвои дигари шеър бисёр мушаххас ва муҷаррад аст. Ӯ бо тулӯи мунавварaш фазои шеъри тоҷикро рӯшноии нав дод, дар фарозҳои номусаххари сухан бисёр васеъ ва густурда шуд, меъроҷҳои зебо кард ва ҷавононро низ ҳидоят намуд, ки ҳамеша абрешимро фаротар зананд.

Имшабу рӯз, ки устод Гулназар милоди хуҷаста доранд, бо кӯлбори тозаи умеду таманно ба остонаи шастсолагӣ гом мениҳанд, ин шоири бузурги миллиро таҳният мегӯем ва орзу мекунем, ки шоири дарду армони мо ҳамеша поянда ва роҳкушои субҳҳои оянда бошанд.

*Парда ҲАБИБ*

# ВАССОФИ ОЗОДИИ ТОҶИК ВА ВАТАНИ ОЗОД[1]

Шеър ва Гулназар, Ишқ ва Гулназар, Меҳр ва Гулназар... Воқеан, бо беҳтарин ва гуворотарин воқеаҳои ноб ва дилангез номи устоди мо баробар ва ҳаммаъност. Имрӯз тоҷикон ва Тоҷикистон шоире бо ин шаҳомати сухан ва арҷмандӣ, асолати миллӣ ва башарӣ доранд, ки дар марҳилаи пуравҷ ва дурахшони шеъри тоҷикӣ миёни ситораҳои тобноки сухан бо нур ва ҷазбаи хоси худ фарқ намуд.

Шеъри тоҷику форс марҳилаҳои инкишофи пурҷӯшу хурӯши зиёде дошт, вале ҳеҷ марҳилаеро хатми сухан ва ё ҷамъбасти шеър набояд шинохт ва ҳеҷ суханвари бузургеро наметавон ба ҳайси гузорандаи нуқтаи таммат сифат намуд. Чунки шеър ва сухан зотан фанонопазиранд ва абадияти онҳо дар идомат ва ҳаракати онҳост. Ва ҳар марҳила саромадони худро дорад, ки шеърро ба парвози нав, ба ҷодаи тоза таҳрик додаанд. Устод Гулназар ҳам як тан аз саромадони шеъри нав аст, ки новобаста аз тафовути чанд сол дар навсозиҳои зот ва сифати шеъри тоҷик дасти боло доштy дорад. Ва он шеъре, ки дар мавзӯъи он сухан ба миён овардаем, танҳо махсуси қаламрави Тоҷикистон набуда, ба маҷмӯи ҳавзаҳои адабии форсзабонон мутааллиқ мебошад.

Вақте мо ашъори устод Гулназарро аз нахустин китобаш бо номи «Расми сарбозӣ» мехонем ва зина-зина аз нардбони андеша ва хаёли баландаш боло меравем, ки дар он тимсоли озодӣ ва истиқлоли маънавии тоҷик қад афрохтааст. Ҳар шеър, ҳар дубайтиву рубоӣ ва ҳар байту мисрааш боз ҳам моро ба андеша мебарад, ки сухани шоир ҳамеша пешгомтар аз замон ва воқеият будааст. Ба ин маънӣ, шеъри устод Гулназар ҳанӯз чил сол қабл мабдаи озодӣ ва ҳуввият буд, дар худ истиқлол дошт ва аз занҷиpаву завлонаҳо боке надошт.

Шоир дар эҷод ва офариниши шеър таҳти фармудаи дил ва тақозои виҷдон қарор дошт ва ҳеҷ сухане бидуни самимият

---

1. Ҳабиб П. // Вассофи озодии тоҷик ва Ватани озод // Садои мардум. -2005. -17 сентябр.

ва некбинӣ нагуфта. Намедонам, дар ин маврид кадом навъи баён беҳтар бошад: ё гуфтани он ки шеъру адаби асили мо, пеш аз ҳама, истиқлоли маънавӣ касб карда буд ё чунин мазмуне, ки шеъри тоҷик ҳеҷ гоҳ бидуни орзуи озодӣ нафас намекашид. Ҳар чи ҳам бошад, шеър ва шахси шоир ба озодиву ободӣ ва армонҳои шукуфоии миллату Ватан, инсон ва бовару имони ӯ печидааст. Ва ҳама вақт мебинам, ки устод Гулназар тавсифи бадеии ҳаёти халқи баору номус, арзишҳои таърихи безаволи миллат, ифтихорот ва худшиносии ҳамватанонро ҷое шоиргунаву мутантан, ҷое ошиқонаву нозукбинона, ҷое орифонаву ҷое риндона, зебо, ширину гуворо, устодона ба қалам додааст. Шоир озодии инсон ва озодагии табиати диёрро бо беҳтарин эҳсос ва назокати шоирона тасвир мекунад. Ҳама мавзӯъҳо ва мазомин аз қалами устод Гулназар таровиш ва таровати бадеӣ доранд, чунки дар ҳама маврид шеърияти онҳоро бо беҳтарину хуштарин шева дарёфтаву баён месозад.

Домани эҷодиёти ин шоири баландпояи мо фарох ва бепоён аст. Дар он садои озодиву талошҳои Ориёи қадим, бунёдсозии Сомониён, зарбу ҳарби шеъри Рӯдакиву Фирдавсӣ, решасӯзиҳо ва андешасӯзиҳои таърих, поси ниёгон, сарнавишти тифлӣ ва ҷавонии худ ва ҳамзамононаш, ки замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъди он сангин гузашта буд, нашъунамо ва ободии Тоҷикистон, меҳри ёриву бародарӣ баланд аст. Беш аз 45 соли ҳаёт ва қариб 30 соли фаъолияти эҷодии устод Гулназар дар замони шӯравӣ гузашт, ҳамон вақт ба авҷи шоирӣ расид ва он авҷро на танҳо нигоҳ дошт, балки боз болову болотар мебарад. Ба хотири он ки тоҷикон дар ҳар аср ва шояд дар ҳар даҳсолаи асрҳои мозӣ шоирони бузург ва мумтоз доштаанд, метавон гуфт, ки шеъри олӣ ва асил аз мансубиятҳое, ки табақоти ҷомеа доранд ва ё мафкураҳои ҳизбҳову гурӯҳҳо озод аст, чунки рисолати шоир аз ин ҳадафҳо ва нисбиятҳо боло ва афзал мебошад. Хоса дар ин солҳо, ки мардуми тоҷик ғуломи шӯравӣ не, балки як ҷузъи он ва бархӯрдор аз ободиву рафоҳияти онрӯза буданд. Буданд маҳрумиятҳо, маҳдудиятҳо, бохтҳо ва тохтҳои маънавӣ, вале он ҳиссае, ки аз тоҷикон ва ватани тоҷикон боқӣ буд, дар сояи раҳмати замон боқӣ монд, афзуд, некӯаҳволӣ ёфт ва барои

бақои ояндагон замина гузошт. Аз ин рӯ, хидмати падарони мо хеле бузург аст. Онҳо вазифаҳои таърихии худро дар вақташ ичро намуданд ва имрӯз мо вазифа дорем, ки худрову Ватану эътиқоду ойини аҷдоди худро пос дорем, симои миллатамонро ҳифз намоем. Ва шукр, ки давлати Тоҷикистон беҳтарин анъанаҳои созандагии насли бошарафу бунёдкори хешро дар замони соҳибистиқлолӣ, дар шароити нав, бо касби ҷойгоҳи шоиста дар ҷомеаи ҷаҳонӣ идома медиҳад. Барои он иҷмолан оид ба сарнавишти Ватанамон ва эҷодиёти устод Гулназар ин нуктаҳоро овардем, ки бубинем вақте шоир замону макони худро дар пайванд бо гузашта ва оянда тасвир ва тасбит мекунад, шеъраш аз ҳама гуна тааллуқот озод аст ва дастоварди башарият аст.

Сабаб чист, ки шоир ба маҳбубияти ҳамватанон, ҳамзабонон ва миёни халқҳои дигар сазовор шуда, ҷойгоҳи баланде дар назди халқу ҷомеа ба даст овардааст? Роҷеъ ба махсусияти ашъори устодамон харф задан осон нест. Чунки барои ин солҳо ба омӯзиш ва мутолиаи ҷиддии осораш бояд машғул буд. Вале як чиз мусаллам аст, ки устод Гулназар асолати шеърро, ки дар тахайюл, тасвир, ҷаззобияти маънавӣ ва луғати ноб ифода мегардад, бо масъулиятшиносии классикона пос доштаву равнақ бахшидаанд. Ашъори шоир, ки ба мавзӯъҳои гуногун ҳам тифливу ёди деҳу модар, ҳам солҳои ҷанг, ҳам мавзӯъҳои таърихиву ишқу манзараҳо, ҳам ҷое, ки мавриди панду ибратомӯзист, салису равон, яъне рӯдакиворанд, бар беҳтарин сабк ва нармии гуфтор. Ҳатто дар Суруди миллии Тоҷикистон, ки шеъри шиорӣ ва ифодаи тантанаи ватандории тоҷикон аст, беҳтарин ибор采ву вожаҳои нарму равон, чун ифодагари эҳсосу ғояи соҳибватанон, аз ҷониби устод ба кор гирифта шудаанд.

Авзони зиёдеро ба кор бурда бо латофату ғановати луғавӣ ва лиризми нозук ба ҳар яке назокат ва нармии аҷиб бахшидааст. Чун устод дар вазне шеър мегӯяд, мо ҳис мекунем, ки он авзон чи ширин ва зебо будаанд. Хизмати босазои устод аз он ҷумла сабаб шуд, ки шеъри форсиасл ва тоҷикбунёд мавқеи собиту устувор дошта бошад. Ҳар калима ё вожа дар шеър тобиши нав меёбад, печиш мехӯрад ва садои тоза дорад. Шеърҳое ба ин хотирмонӣ

ва дилнишинӣ, дилчаспиву тозагӣ, агар гӯем, ки орзуи ҳар яки мост, дурӯғ набошад:

*Хазони кӯча мерӯбад зани пир,*
*Танини зарби ҷорӯбаш чу оҳ аст.*
*Хаёлам, рӯзи худро мекунад ҷамъ,*
*Ки пирӣ ҳам хазони тирамоҳ аст …*

Бубинед, ҳар пораи шеърҳояш, агарчи дар вазнҳои дароз бошанд ҳам, мисли дубайтиву рубоӣ ширинанд ва ҳар сатрро ҳар бор хонӣ, хушат меояд, чунки латифу дилчасп анд. Хоса, ки устод дар дубайтиву рубоисароӣ дасти тамом доранд ва ба ин теъдод ва накӯӣ кам андар кам воқеъ шуда.

*Ман зодаи ҳар канораи хоки Ватан,*
*Парвардаи гоҳвораи хоки Ватан.*
*Гар пора шавам ҳазор чун абри баланд,*
*Резам ба ҳазор пораи хоки Ватан.*

*Аз ёри куҳан буридан осон набувад,*
*Бо ёри наве расидан осон набувад.*
*Монанди Самарқанду Бухорои қадим*
*Тарҳи дигаре кашидан осон набувад.*

Устод Гулназар осоре нав офарида ва он дастоварди адабиёти муосир аст ва чун ганҷвораи арзишманд махзани тамаддуни халқи моро ғанӣ месозад. Ҳанӯз Рӯдакии бузург аз чунин шоир буданаш фахр мекард:

*Аз шоирон наванд манаму навгувора,*
*Як байти парниён кунам аз санги хора.*

Дар ҳақиқат, мартабаи бузург дар адабиёт ва ҳаёт ба Шоири Халқии Тоҷикистон, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулназар насиб гардидааст, ки он муносиби чунин шахсияти соҳибдил ва соҳибназар аст.

*Ато МИРХОҶА*

# МЕРОСДОРИ АЙНӢ[1]

*Ниҳоди миллати мо гар ниҳодаи Айнист,*
*Гар ифтихори Ватан хонаводаи Айнист,*
*Ҳамин бас аст, ки дар ҳаққи Гулназар гӯянд,*
*Ки ӯ ба амри Худованд зодаи Айнист.*

Вохӯрии нахустин бо шоирони маъруфе чун Гулназар, албатта, дар хотири алоқаманди ашаддии шеър якумрӣ боқӣ мемонад. Аммо банда ҳеҷ ба хотир оварда наметавонам, ки бо устод бори аввал кай, дар куҷо ва дар кадом вазъе мулоқот карда бошам. Дар айёме ки донишҷӯ будам, симои гарму меҳрбори ин шоири маҳбуби тамоми ҳамсабақонамро гоҳ аз тариқи оинайи нилгун ва гоҳе дар вохӯриҳову базмҳои шеър медидам ва баръакси баъзе аз шоиру нависандагони номвар, ки барои мо ҷавонон дастнорас буданд, Гулназар ба мо ҳамеша дастрасу ба қавле «саломуалейк» буданд. Хоҳ дар кӯчаю бозор вомехӯрдем, хоҳ дар толори Хонаи адибон, сарфи назар аз мансабу шӯҳраташон, ҳатман пешдастӣ карда, бо ҷавонон саломи аҳволпурсӣ мекарданд ва ҳатман ҷумлаи машҳурашонро сари забон меоварданд: «Ҳа, йигити калон шуда гаштӣ?» Сипас ҳатман вазъи хондану чи навиштанамонро мепурсиданд.

Агарчи аз мо 15-20 сол калонтар буданд ва аллакай дар радифи устодон Мӯъмин Қаноату Лоиқу Бозору Гулрухсор номашон вирди забонҳо буд, аммо сӯҳбатороиву муомилаҳои хоксоронаашон ин монеаи синнусолиро гӯё аз байн бардошта буд. Шояд сабаб ҳамин шуда бошад, ки нахуствохӯрии банда бо устод Гулназар дар лавҳаи хотира саҳеҳ ва равшан боқӣ намондааст.

Ин шахси фурӯтану оддӣ ва дилсӯзу мушфиқ бо ҳамон дилу чеҳраи кушод чун бародар, чун дӯсти куҳан гӯиё як умр бо мо

1. Мирхоҷа А. Меросдори Айнӣ // Нақлиёт. -2005. -15 сентябр. – С. 11.

ҳамроҳ зиста, саломашон суруру каломашон суруди дили мо будааст.

Мо — донишҷӯёни аввали солҳои 80-уми факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба шеъру шоирӣ рағбати фавқулъода доштем. Ин шавқ ба дараҷае дар дили мо ҷӯш мезад, ки аз мубоҳисаҳоямон оид ба шеъру дигар масоили адабиёт дар 6 ё 8 соати дарсхонӣ хаста нашуда, шомгоҳон дар хобгоҳ низ ду-се соат мунозира мекардем. Кор баъзан ба дараҷае мерасид, ки мунозираамон бо мунокиша анҷом меёфт. Қариб ҳар ҳафта бо шоирону нависандагони шинохта ё ҳанӯз камшинохтаи кишвар мулоқотҳо доир мекардем, ё маҳфилҳои адибони ҷавони Донишгоҳро баргузор карда, навиштаҳоямонро бо шӯру мағали зиёд баррасӣ менамудем.

Дар ин гуна ҷамъомадҳо, албатта, перомуни шеърҳои ба тозагӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ё «Маданияти Тоҷикистон» ( баъдтар «Адабиёт ва санъат») чопшудаи адибон изҳори назар менамудем ва ба тозакориҳои онҳо диққати махсус медодем.

Гулназар аз шоироне буд, ки бо навҷӯиву тозапардозиҳояш ҳатман мавриди «ғайбат»-ҳои доимии мо қарор мегирифт. Ӯ дар байни мо мухлисони сарсупурдаи худро пайдо карда буд, ки дар ин гуна маҳфилҳо аз қудрати шоириву навовариҳои ӯ дар баробари дигар шоирони номвар бошиддат дифоъ мекарданд.

Он солҳо ба туфайли устод Мӯъмин Қаноату Лоиқ шеър аз заҷри умумигӯиву муҷаррадбаёнӣ аллакай озод гашта буд. Ҷони ҷӯяндаву кунҷкови ҷавони мо аз байни даҳҳо ва садҳо шеър ҳар як андеша, тасвир ва мазмуни тозаро бо дақиққории заргарона ҷудо мекард, онро ба хизонаи хотира месупурд ва баҳра мебардошт. Ба ҳамин хотир ашъори Гулназар барои мо писанд буд ва дар маҳфилҳо ҳамеша аз онҳо иқтибос меовардем.

Замоне ки Гулназар ба майдони адабиёт ворид гашт, чунон ки ишора шуд, устодон Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор, Гулрухсор савори саманди шӯҳрат буданд ва ошиқони сухан онҳоро сахт меписандиданд. Дар ин миён ҷойи Гулназар дар куҷост? Шеъраш дар кадом поя аст ва чӣ вижагие дорад?

Гулназар дар тарзи ифода ва услуби сухангустарӣ ба ҳеҷ яке аз шоирони зикргардида монанд нест. Тавфиқи ӯ, ба назари

мо, дар ин аст, ки сабку услуби худро хеле зуд пайдо намуд ва пойбанди завқу табъи шоирони соҳибқудрат нагашт. Ӯ чи гуфтану чи гуна гуфтанро аз заминаи истеъдоду салиқаи худаш ҷуст ва шахсияти шоирии худро дар баробари сухансароёни номвари на танҳо тоҷик, балки эрониву афғонӣ низ гузошта тавонист. Бахусус, дар 15 соли охир шеъри устод ниҳоят муҷалло, пурмӯҳтаво ва моломоли зебоиву нафосат гашт. Устод шеъри навро хеле такмил дод, дар омезиш додани шеъри озоду сафед як идда тозакориҳо ба вуҷуд овард ва дар ибораороии шоирона корҳои дидание анҷом дод.

Ба ин байтҳо таваҷҷӯҳ кунед:

*Эй шаҳр,*
*Эй маро зи раги гардан ошнотар,*
*Дар кӯчаҳои ту номи шаҳидон мекунад иқомат.*
*Дар тоқҳои пурсукути хонаҳои ту*
*Гулҳои печаки фигон шукуфтаанд.*
*Ман чун кунам, ки дар нигоҳи сури духтарҳоят*
*пинҳон шуда баҳори рамида?*
*Ман чун кунам, ки бод наорад зи кӯҳу пуштаи Варзоб*
*Атри дубайтиҳои мардумро?..*

Ё порае аз шеъри «Рашкам ояд»-ро бубинед:

*Рашкам ояд, ки чаро шеъри ҷавонии саропои туро*
*Зеҳни беҳавсалаи оина аз бар кард.*
*Тарии ҳусни баҳоронаи ту*
*хушкии синаи ин шӯразаминро тар кард.*
*Ба Худо, номи маро,*
*гар чу барги*
*гули тар бифшоранд,*
*қатра-қатра бичакад номи ту монанди гулоб,*
*Ба Худо, гар ҳама мижгони маро хома кунанд,*
*ғайри нози ту нахоҳанд навишт…*

Шеър ҷуз ин дигар чизе нест.

Ба андешаи ман, агар устодон Қаноату Лоиқу Бозор шеъри озодро, ки мабнои он бар мисраъҳои кӯтоҳу дароз аст, дар Тоҷикистон равнақ дода барои тараққии шеъри муосирамон хидмат карда бошанд, устод Гулназар дар поя гузоштани шеъри сафед, ки бар мусиқии дохилӣ мабно дорад, дар адабиёти мо нахустин қадамҳои устувор гузоштааст. Ин навъи шеър дар кишвари мо акнун густариш дорад ва батадриҷ нашъунамо меёбад. Аммо, бешак, аз имконоти он ба таври вофир ва камоли устодӣ аввалин бор устод Гулназар истифода намудааст ва навиштаҳои солҳои охираш шаҳодат медиҳанд, ки шеъри бевазн, ё сафед ӯро сахт мутаваҷҷеҳ сохтааст.

Устод Гулназар дар баробари шоири ҳассосу ошиқ будан, яке аз суханварони қавии ватанпарасти мо низ мебошад. Ӯ дилдодаи обу хоки Тоҷикистон аст. Аз борораш меболад, аз нокомияш менолад. Ёдам меояд, вақте ки лашкари иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистон ворид гашта буд, ҳанӯз дар хар хамон айём як шеъри хеле ҳам пурсӯзу гудоз ва ҷасуронаи Гулназар ба чоп расида буд, ки байти баргардонаш ин буд:

*Бобаи ман наомад аз Берлин,*
*Падари ман наомад аз Бағлон.*

Дар он шароит ин гуна шеъри «аксулинқилобӣ»-ро ҳар шоире гуфтаву интишор дода наметавонист. Аммо Гулназар паёмадҳои фоҷиабори ин ҷанги беҳадафро хеле хуб дарк намуда, аз кушта шудани ҷавонони бегуноҳи Ватан садои ҳасрату надомат баланд кард ва онро маҳкум намуд. Намедонам, сиёсатмадорони вақт ин шеърро чи гуна истиқбол карданд, аммо он вақт моҷавонони донишомӯзро сахт мутаассир карда буд ва дар диламон ба Гулназар офарин мехондем.

Оре, устод Гулназар ҳамин гуна шоир аст — ҷонибдори ҳақиқат, ростӣ ва адолат. Ватан барояш сухани тиҳимоя нест. Ватан ҳастии ӯст, онро бо дили содиқи шоиронааш дӯсту гиромӣ медорад ва дар сухану дар амал барои шукуфоии он талош меварзад.

*Ҳар кас мепарварад дар сина фирдавси умед,*
*Ман ғаме мепарварам, к-ӯ Тоҷикистони ман аст.*

Пас аз ҳафтае ин шоири дӯстдошта, самимӣ ва хоксори мо 60-сола мешавад. Ихлосмандони суханаш дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон маҳфилҳои шеъри ӯро барпо карда, шоирро ба ҳузури худ мехонанд. Онҳо аз Гулназар ифтихор доранду Гулназар аз онҳо. Шоир барои ҷавонони ошиқ шеърҳои нави ошиқонаи худро мехонаду бо бузургсолон ҳикмати аз зиндагӣ андӯхтаашро дар миён меорад. Ӯ хушбахт аст, ки чунин миллати шеърпарвар ва шоирнавоз дорад. Рӯҳаш болидатар мегардаду табъаш равонтар ва дар дақиқаҳои нодири хилват бо худу ҷаҳони худ боз барои онҳо шеърҳои тоза ба тоза эҷод мекунад. Ӯ медонад, ба қатори суханвароне ворид гаштааст, ки маҳсули андешаашонро ҳазорон-ҳазор муштоқон интизоранд. Шоир аз ин болу пар мегирад, дили ҳассосаш саршори лаззати ҷавонӣ мешавад ва дар рагу пайвандаш оташи шеър забона мезанад.

Ӯ ба хотири ҳазорсолаҳо боз қаламу коғаз ба даст мегирад…

***Алиризои ҚАЗВА,***
***шоир ва донишманди Эрон***

## ГУЛНАЗАР КЕЛДӢ – ҒАЗАЛСАРОИ ОГОҲ

Гулназар Келдӣ аз шоирони матраҳ ва бо пуштивонае аз навгароӣ ва суннат ва боошнойии хуб аз адабиёти Эрон ва накди рӯз, аз ҷумлаи касонест, ки метавонад дар ғазал ва шеъри Тоҷикистон накши калидӣ ифо кунад. Сарояндаи таронаи миллии тоҷикон медонад, ки имрӯз адабиёти ҷаҳон то ҷи андоза худро ҷилав кашидааст ва аз таҷрибиёти жанрҳои мухталифи адабӣ ва ҳунарӣ чи гуна адибон ва шоирони ҷаҳон ба нафъи адабиёт истифода кардаанд. Ҳамин ки бидонӣ дар бағали рушди

ҷараёнҳои рӯз адабиёти милал ва ақвоми дигар ба чи таҷрибиёте даст ёфтаанд; ҳамин ки ҷасорати эътироз дар баробари ҳаракатҳои якнавохт ва хастакунандаи адибони такрориро дошта бошӣ; ҳамин ки худро мулзам кунӣ, бинишинӣ ва бо хатти форсӣ китобҳои «Сувари хаёл»-и дуктур Шафеъии Кадканӣ ва мисоли «Тилло дар мис»-и Бароҳанӣ ва … ро бихонӣ ва худро бениёз аз он адабиёти Эрон надонӣ, ҳаракате рӯ ба ҷилав ва созанда доштаӣ ва Гулназар аз ин ҳайс шоири ҳушманд ва пурталошест. Ӯ адабиёти Эронро дастикам ба андозаи Муҳаммад Алии Аҷамӣ – шоире, ки чанд сол дар Эрон зист, мешиносад. Агарчи сафарҳои фаровоне ба Эрон доштааст, аммо ангор бо шеъри ин сарзамин зиндагӣ кардааст ва номи ин шоир дар Эрон низ дар канори номҳои ошное чун Лойиқ Шералӣ, Гулрухсор, устод Қаноат, Фарзона, Бозор Собир, Раҳмат Назрӣ, Аҷамӣ ва… номе ошност ва китоби шеъраш низ дар Эрон бо шаклу шамоиле зебо ба табъ расидааст. Дар шеъри Гулназар бо тозагии радиф мувоҷеҳем:

*Ишқро бедор кун, ман дӯст медорам,*
*Мастро ҳушёр кун, ман дӯст медорам.*
*Нола ҷӯшу фитна резу шӯъла шав,*
*бархез,*
*Шаҳрро бозор кун, ман дӯст медорам…*

«Радиф дар адаб ҳеҷ забоне ба вусъати шеъри порсӣ нест».

«Имкони густариши радиф дар шеъри форсӣ васеътар аз шеъри арабист».

«Шеъри форсӣ нисбат ба шеъри араб ниёзмандии бештар ба мусиқии қофия дорад».

«Тавсияи радиф дар шеъри форсӣ аз қарни чаҳорум ба баъд аст».

«Ин тавсиа то он ҷост, ки гоҳ се чаҳорум мисраи дуюми радиф ба ҳисоб меояд».

Матлаби боло аз китоби «Сувари хаёл»-и дуктур Шафеии Кадканӣ интихоб шудааст. Ва албатта шеъри тоҷик, дар ғазали тане чанд аз шоирон аз ҷумла Аҷамӣ, Раҳмат Назрӣ, Сиёвуш ва Гулназар аз ин ҳайс қобили мулоҳиза аст.

Ёдоварии ин нуқта муҳим аст, ки интихоби радифҳоағлаб меҳвари амудии шеърро беш аз он чи дар қофияҳои озод вуҷуд дошта маҳдуд мекунад. Ин нуқтаест, ки устод Шафеъии Кадканӣ низ ба он шиора кардааст.

Метавон мақолае пуру паймон дар ҳамин боб ва дар шеъри тоҷик навишт.

Агарчи дар сурудани ғазали бидуни радиф ва ба сабки Саъдӣ низ Гулназар тавфиқ дорад, аммо ғазали берадиф мисли роҳ рафтани беасост. Ва каманд шоироне, ки бе мадади радиф ғазали хуб ва устодона сурудаанд. Ин ғазали Гулназарро бубинед:

*Эй соят гулобӣ чун сояи баҳорон,*
*Бар ташнагон фурӯ рез чун рӯҳи поки борон,*

ки ба гумонам беш аз он ки шоири ин ғазал таҳти таъсири ғазали Саъдӣ бошад, бо ин мақтаъ:

*Саъдӣ ба рӯзгорон, меҳре нишаста дар дил,*
*Берун наметавон кард, илло ба рӯзгорон,*

таҳти таъсири ин, ғазали шафеъии Кадканӣ (М. Сиришк) аст, бо ин оғоз:

*Эй меҳрубонтар аз барг дар бӯсаҳои борон.*

Ҳусайни Мунзавӣ ғазалсарои фақиди Эронӣ низ дар гуфтани ғазал бо шеваи Саъдӣ ва бидуни радиф устод буд ва бо ҳамин қофия ғазале дорад бо ин оғоз:

*Шитак задаст ба хуршед хуни бисёрон*
*Бар осмон, ки шунидааст аз замин борон?!*

Бо ин ишора, ки дар сурудани ашъори нимоӣ низ Гулназар маҳорате хос дорад ва аз ин назар шояд вазни осораш аз дигар шоирони тоҷик низ сангинтар бошад.

# 2. ОСОРИ АДАБӢ БО ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

## 2.1. НАЗМ

### 2.1.1. Нашрҳои ҷудогона

**1969**

1. Расми сарбозӣ: Маҷмӯаи шеърҳо / Муҳаррир Қ. Киром. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 90 с. – Навниҳолони боғи адабиёт.

***Тақриз**: Насимов Қ., Насимов А. Гулдастаи Гулназар // Садои Шарқ. – 1969. - №7. – С. 147 – 149.*

**1972**

2. Дастархон: Маҷмӯаи шеърҳо / Муҳаррир Қ. Киром. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 72 с.

***Тақриз**: Шарифова М. Дар гирди «Дастархон» // Комсомоли Тоҷикистон. – 1973. – 7 январ; Абдуҷабборов Т. Дастархони Гулназар // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1973. – 20 январ; Нуриддинов Ш. Файзи дастархон // Маориф ва маданият. – 1973. – 22 феврал; Самадов Ҳ Дастархони умед // Садои Шарқ. – 1973. - №4. – 143 – 146.*

**1975**

3. Нардбон: Шеърҳо. - Душанбе. Ирфон, 1975. – 96 с.

***Тақриз**: Шеров А. Зинаҳои нардбон // Комсомоли Тоҷикистон. – 1975. – 29 июн; Абдуманонов А. Зинаи маҳорат // Маориф ва маданият. – 1975. – 5 июл; Насимов А., Миров Т. Туҳфаи роҳ // Садои Шарқ. – 1976. - № 1. – С. 144 – 146.*

**1979**

4. Ағба: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 96 с.

***Тақриз**: Аминов А., Абдулло С. Достоинство локанизма // Памир. – 1980. - № 4. – С. 78 – 81; Абдуманонов А., Шарифов Ҳ. Роҳи душвори ағба // Садои Шарқ. - 1980. - № 9. – С. 146 – 153.*

**1981**

5. Паҳно: Шеърҳо. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 240 с.

***Тақриз**: Сатторӣ П. Аз нигоҳи шоир // Ҳақиқати Қурғонтеппа. – 1981. - 22 октябр; Мусулмонқулов Р. Паҳнову умқи шеър // Садои Шарқ. – 1982. - №4. – С. 122 – 126.*

**1983**

6. Аз барои Гулъизор: Шеърҳо: Барои синни томактабӣ ва хурди мактабӣ / Рассом Г. Шаркунова. – Душанбе: Маориф, 1983. – 21 с.

***Тақриз**: Саидов С. Гулзори кӯдакон // Адабиёт ва санъат. – 1984. - 12 апрел. – С. 6.*

**1984**

7. Лангар: Маҷмӯаи шеърҳо / Рассом В. Пӯлодов. – Душанбе: Ирфон, - 1984. – 224 с.

***Тақриз**: Сатторӣ П. Ду-се гул аз баҳори кӯҳсор аст // Ҳақиқати Қурғонтеппа. – 1984. – 13 октябр.*

**1986**

8. Паи дарё: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 271 с. – Расмдор.

***Мундариҷа**: Мурғи кӯҳӣ; Девони ман; Реша; Балҷувон; Рӯзи гармои Душанбе; Ёди Искандар; Акашарифи Ҷӯра; Аз ин фикри парешон; Маркази олам; Суннати ман ва ғайра.*

***Тақриз**: Шукруллоев К. Хати сабз // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 29 октябр. - С.6.*

## 1987

9. Чашми нигин: Шеърҳо ва достонҳо: Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ / Рассом У. Ашуров. – Душанбе: Адиб, 1987. – 142 с. – Расмдор.

***Мундариҷа**: Шеъроҳо: Зимистон асту чун фасли баҳорон; Хонаҳои аввалини шаҳрҳо; Бо ҳама кӯҳҳои пурборат; Шаҳри ман, эй пойтахти ишқи ман; Абрҳо меравaнд сӯи ғуруб; Барои ҳамдеҳаам Ҷӯраалии чӯпон; Ахтаристон аст; Нони гарме, ки меканӣ, Модарамро ба хоб дидам ман; Замин чун модари ман аст… Достонҳо: Паи дарё; Саводи зиндагӣ.*

***Тақриз**: Мирзозода Х. Шеър дарёфтан аст // Адабиёт ва санъат. – 1988. – 3 ноябр. – С. 6.*

## 1990

10. Се кӯлчаи танӯрӣ / Муҳаррир А. Вадуд. Мусаввир. С. Лузина. – Душанбе: Адиб, 1990. – 32 с.

## 1991

11. Об омаду, об омад: Маҷмӯаи таронаҳо / Гулназар. Оҳангсоз А.Ёдгоров – Душанбе: Маориф, 1991. – 48 с.

